# 24 ноябр – Рӯзи Парчами миллӣ


Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

# Боҷу хироҷ

№47 (1196)

Панҷшанбе, 21 ноябри соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


# Корҳои назоратӣ – мусоидат ба фаъолият





ПРЕЗИДЕНТ



**Тахти роҳбарии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон Ҷаласаи Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид**

с. 2

ҶАЛАСА

**Ҷамъомади тантанавӣ дар Кумитаи андоз**

Ҷаласаи тантанавӣ бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

с. 3

МАНБАЪҲОИ АНДОЗБАНДӢ

**Хулоса аз таҳлил**

Рафти гузаронидани азнавбаҳисобгирии объектҳои молу мулк аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз

с. 4

ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР

**Дар таъмини МНХ диққати ҷиддӣ мебояд**

МНХ - яке аз воситаҳои асосии муайян намудани даромади воқеии андозсупорандагон

с. 6

АМАЛИЁТИ ГУРӮҲИ КОРӢ

**Санҷиши амалиётӣ дар роҳ**

Гурӯҳи корӣ дар муассисаҳои мусофиркашон камбудиҳоро ошкор намуд

с. 10

РОБИТА

**Самаранокии корҳои фаҳмондадиҳӣ**

Ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисоб меравад

с. 11



ДИҚҚАТ!!! * ДИҚҚАТ!!!

**ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ» БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД**

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

65 СОМОНӢ
НАРХИ ЯКСОЛАИ ОБУНА

СУРОҒАИ МО:
ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** 44-600-41-76

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:
р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
**РМА** 030007408



# Таҳти роҳбарии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон Ҷаласаи Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид

14-уми ноябри солии 2019 таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.



Дар ҷаласаи Шӯрои амният ҳисоботи муовини вазир-сардори Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия Мансурҷон Умаров оид ба рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 25 октябри соли 2019 шунида шуд. Иттилоъ дода шуд, ки иҷрои Қонуни зикргардида дар Сарраёсат, асосан, таъмин карда шуда, он нисбати зиёда аз даҳ ҳазор нафар маҳкумшудагон аллакай татбиқ гардид. Аз ҷумла, зиёда аз шаш ҳазор нафар шахсоне, ки дар муассисаҳои ислоҳӣ ҷазоро адо менамуданд, аз адои ҷазо озод карда шуданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон диққати ҳозиринро ҷиҳати сари вақт таъмин намудани иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» ҷалб намуда, барои пешгирии омилҳои коррупсионӣ зимни татбиқи он, дастурҳо доданд.

Дар ҷаласа, инчунин, масъалаи ҳуқуми мусаллаҳона ба дидбонгоҳи сарҳадии «Ишқобод», ки 6 ноябри соли 2019 ба амал омада буд ва чораҳои таҳкими ҳифзи сарҳади давлатӣ муҳокима гардиданд. Доир ба ин масъалаҳо Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазирони корҳои дохилӣ ва мудофиа, раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадӣ ҳисобот доданд.

Доир ба масъалаҳои муҳокимагардида қарорҳои дахлдор қабул карда шуд.

## Суҳбати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гуттериш ва Президенти Ҷумҳурии Франсия Эммануэл Макрон

Шоми 11 ноябри соли 2019 дар доираи иштирок дар чорабиниҳои ҳамоиши Париж оид ба сулҳ суҳбати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гуттериш ва Президенти Ҷумҳурии Франсия Эммануэл Макрон доир гардид.

Зимни суҳбати озод оид ба робитаҳои дуҷониба бо Созмони Милали Муттаҳид ва Ҷумҳурии Франсия, инчунин оид ба доираи васеи масъалаҳои мубрами рӯзномаи ҷаҳонии ҳамоиш табодули афкор сурат гирифт.

Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гуттериш нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар пешбурд ва тарғиби рӯзномаи иҷтимоиву иқтисодии Созмони Милали Муттаҳид созгор донист. Президенти Ҷумҳурии Франсия Эммануэл Макрон натиҷаҳои сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Франсия ва силсилаи музокиротро пурсамар ва муҳим арзёбӣ намуд.

Дар ҷараёни суҳбат, ҳамчунин, дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо мавриди баррасӣ қарор гирифт.

# Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар 40-умин Ҷаласаи Конфронси Генералии ЮНЕСКО дар масъалаҳои вобаста ба тағйирёбии иқлим




**Муҳтарам Раис,**
**Ҷанобони олӣ,**
**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Дар оғоз мехостам ба роҳбарияти Директори генералии ЮНЕСКО хонум Одри Азуле барои дар сатҳи баланд баргузор намудани ҷаласаи чиҳилуми Конфронси генералии он изҳори миннатдорӣ намоям.

Тағйирёбии иқлим ва рафъи оқибатҳои он яке аз мушкилоти ҷиддии замони муосир ба ҳисоб меравад. Таъсири манфии ин падидаи глобалӣ ба миқдор ва сифати захираҳои оби тоза низ торафт аён мегардад.

Дар Тоҷикистон дар даҳсолаҳои охир коҳиши чашмраси масоҳати пиряхҳо, ки барои тамоми Осиёи Марказӣ муҳиманд, ба мушоҳида мерасад. Тибқи мушоҳидаҳо, дар давоми 70 соли охир тақрибан 35 фоизи пиряхҳои хурдҳаҷми Тоҷикистон талаф ёфтаанд.

Аз 13 ҳазор пиряхе, ки дар кӯҳсори Тоҷикистон ҷойгиранд, то имрӯз як ҳазораш нобуд гардидааст. Ва ин дар ҳолест, ки то шаст фоизи захираҳои оби Осиёи Марказӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ташаккул меёбад.

Тамоми кишварҳои минтақаи мо аз тағйирёбии даври гидрологӣ, ки метавонад боиси обхезиву хушксолиҳои шадид гардида, ба вазъи обу энергетика ва озуқаворӣ таъсири манфӣ расонад, нигарон мебошанд.

Дар ин замина лозим мешуморем, ки ЮНЕСКО дар якҷоягӣ бо дигар сохторҳои байналмилаливу минтақавӣ ба экспедитсияи пажӯҳишии пиряхҳо дар Осиёи Марказӣ мусоидат намояд.

Дар шароити тағйирёбии иқлим масъалаи ҳифзи манбаъҳо ва захираҳои оби тозаи ошомиданӣ ба яке аз мушкилоти асосии мардуми сайёра табдил ёфтааст.

Кишвари мо дар ин самт ҳамчун кишвари ташаббускор ва пешсаф дар миқёси ҷаҳонӣ, алалхусус дар чаҳорчӯбаи Созмони Милали Муттаҳид эътироф гардидааст.

Ташаббусҳои мо дар ин ҷода ба эҷоди як платформаи васеъ барои муҳокима ва ҷустуҷӯи роҳҳои бештар мусоид ва оқилонаи ҳалли мушкилоти марбут ба захираҳои об нигаронида шудаанд.

Умедворем, ки ЮНЕСКО дар пешбурди масъалаҳои об, аз ҷумла тавассути мусоидат ба арзёбии фарогири миёнамуҳлати татбиқи ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор", ки дар соли 2023 ба нақша гирифта шудааст, саъю кӯшишҳои хешро идома хоҳад дод.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳошияи "Раванди Душанбе"-и марбут ба татбиқи ин Даҳсола тасмим гирифтааст, ки 18-20 июни соли 2020 дар шаҳри Душанбе Конфронси дуввуми Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, 2018-2028"-ро баргузор намояд.

Бо истифода аз фурсат бо камоли майл иштирокдорони ҳамоиши имрӯзаро барои ширкати фаъол дар конфронси мазкур даъват менамоям.

Тоҷикистон аз рӯи партовҳои қиёсии дуоксиди карбон ($CO_2$) дар ҷаҳон ҷойи 135-умро ишғол менамояд.

Ҳаҷми партовҳои газҳои парникӣ (гулхонавӣ) дар кишвари мо соле то як тонна ба сари ҳар як нафари аҳолӣ рост меояд ва ҳиссаи кишвар дар минтақа камтар аз се фоизро ташкил медиҳад.

Дар нигоҳ доштани сатҳи пасттарини партовҳои зараровар ба атмосфера ба мо дар бисёри маврид истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, бахусус гидроэнергетика, ки яке аз манбаъҳои асосии тавлиди энергияи "сабз" ба ҳисоб меравад, мусоидати ҷиддӣ менамояд.

Дар нерӯгоҳҳои барқи обӣ, ки асоси сектори энергетикии кишварро ташкил медиҳанд, 98 фоизи қувваи барқ мо истеҳсол мешавад.

Аз рӯи ин нишондиҳанда Тоҷикистон дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалро ишғол мекунад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, ҷиҳати дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилоти вобаста ба тағйирёбии иқлим мехостам пешниҳодҳои зеринро ироа намоям:

1) Истифодаи васеи манбаъҳои энергияи таҷдидшаванда, ки заминаи мусоидро барои рушди иқтисоди "сабз" мегузорад, дастгирии ҳамаҷониба ёбад.

2) Кишварҳои мададрасон ва сохторҳои байналмилалию минтақавии молиявӣ ба татбиқи амалии стратегияву барномаҳои миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим мусоидати ҳамаҷониба намоянд.

3) Мониторинги мунтазами манбаъҳои пайдошавии захираҳои об, бахусус пиряхҳо, пурзӯр карда шавад.

4) Ба ҳамкории байналмилалӣ дар масъалаҳои ҳифзи манбаъҳои обӣ таҳким бахшида шавад. Бо ин мақсад пешниҳоди Тоҷикистон дар бораи таъсис додани Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо мавриди амал қарор гирад.

5) Мушкилоти таъсири тағйирёбии иқлим ба ҳолати захираҳои обӣ ва роҳҳои пешгирии натиҷаҳои манфии он ба рӯзномаи чорабиниҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳамчун масъалаи муҳими рӯз шомил карда шавад.

6) Кишварҳои мутараққӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ҷиҳати мониторингу ҳифзи пиряхҳо ва дигар манбаъҳои захираҳои обӣ ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва камтараққӣ кумакҳои молиявӣ ва техникии ҳамаҷониба расонанд.

Изҳори умед менамоям, ки шарикони байналмилалии мо иқдомҳои минбаъдаи ҷониби Тоҷикистонро дар ин самтҳо пуштибонӣ хоҳанд кард.

**Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам.**

# Ҷамъомади тантанавӣ дар Кумитаи андоз

**16 ноябри соли 2019 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи тантанавӣ баргузор шуд.**

Ҷаласаро Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Нусратулло Муқим ифтитоҳ намуда, нахуст ҷамъомадагон – кормандони мақомоти андозро бо Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику таҳният гуфт.

Раиси Кумитаи андоз ёдрас намуд, ки 16 ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ниҳоят ҳассосу мушкил ва сарнавиштсоз доир гардид ва дар он Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби вакилон ба ҳайси раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар соли 1994 дар асоси интихоботи президентӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

Понздаҳуми апрели соли 2016 Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти саҳми арзанда ва беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули давлатдории навини кишвар, эҳёи давлати миллӣ, таъмини сулҳу ваҳдат ва баланд бардоштани нуфузу эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» тағйирот ворид намуд ва тибқи он ҳар сол 16 ноябр дар мамлакат ҳамчун «Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҷлил карда мешавад.

Зикр шуд, ки Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзи садоқат ва вафодорӣ ба Ватан, Президент ва миллат буда, дар сатҳи баланд баргузор намудани он нишонаи шукргузорӣ аз озодиву соҳибихтиёрӣ ва эҳтиром гузоштан ба арзишҳои давлатдориву соҳибистиқлолӣ арзёбӣ мегардад. Зеро мардуми мо Истиқлолияти давлатиро ба осонӣ ба даст наовардааст. Аз ин рӯ, мо бояд ба қадри сулҳу субот ва ободии Ватан бирасем ва хизмати софдилонаву содиқона ба Ватан мазмуни асосии зиндагиамон гардад.

Нақши Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои нахустини ба ҳайси Сарвари давлат интихоб гардиданашон барои баланд бардоштани нуфузу эътибори байналмилалии Тоҷикистон ва ҳаллу фасли масъалаҳои глобалии олам ниҳоят бузург ва саривақтӣ буданд. Аз ҷумла, Пешвои миллат муаллифи чор ташаббуси бузург мебошанд, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шудаанд: «Соли байналмилалии оби тоза, 2003», «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013», Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт, 2005-2015» ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028».

Истиқлолият дар баробари дигар падидаҳои пурарзиши миллию давлатӣ барои арзи вуҷуд кардани мақомоти андоз, ҳамчун рукни устувории ҳокимияти давлатӣ, дар пойдории низоми конститутсионӣ заминаи ҳуқуқию воқеӣ фароҳам овард.

Таъсисёбии мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як ҷузъи мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия ва як ниҳоди бонуфузи давлатӣ ташаккул ёфтани он бо номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайвандӣ ногусастанӣ дорад.

Мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давронистиқлолият дар партави роҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии Ҳукумати мамлакат ҳамкориҳоро бо мақомоти марказӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, институтҳои молиявӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар сатҳи баланд ба роҳ монда, тавонистанд сатҳи касбӣ, нерӯи кадрӣ ва базаи моддию техникии худро мустаҳкам намоянд, барои кормандони соҳа шароити мусоиди корӣ фароҳам созанд.

Омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷаи дуру наздик аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки мақомоти молия ва андози ин давлатҳо низ бештар ба масъалаҳои фаъолияти соҳибкории хурду миёна, такмили қонунгузории андоз ва бехтар сохтани маъмурикунонии андоз ҷиҳати таъмини шароити мусоид оид ба риояи қонунгузории андоз, хизматрасонӣ ба андозсупорандагон диққати махсус зоҳир менамоянд.

Аз тарафи дигар, ин таҷриба ба чунин хулоса меоварад, ки тахти роҳнамоии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои охир сиёсати андоз дар Ҷумҳурии мо низ дуруст муайян гардида, асосан ба ҳамин самтҳо равона шуда, равандҳои асосии рушди мақомоти андозро дар сатҳи байналмилалӣ дар бар мегирад.

Чуноне ки Пешвои миллат дар суханронӣ ба муносибати 25-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд: "Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули Конститутсия худро давлати иҷтимоӣ эълон намуда, таъмин намудани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаи ҳар шахсро кафолат додааст. Ва бояд гуфт, ки дар заминаи маҷмӯи тадбирҳои амалишуда ҳаёти иҷтимоии мамлакат босуръат рушд мекунад." Инчунин, Пешвои миллат таъкид сохтанд, ки зиёда аз 47 фоизи буҷети давлатӣ ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ нигаронида шудааст.

Вобаста ба ин суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мехоҳам ёдрас намоям, ки ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад, ба фаъолияти ҳаррӯзаи мову шумо, ки ба таъмини қисми даромади буҷети давлатӣ нигаронида шудааст, бевосита алоқаманд мебошад.

Фаъолияти мақомоти андоз пайваста дар мадди назари Сардори давлат қарор дорад ва аз ин мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони соҳаи андоз, ки 10 майи соли 2019 доир шуд, гувоҳӣ медиҳад. Чуноне ки дар мулоқот қайд шуд, дар соҳа дар баробари дастовардҳо камбудиву норасоиҳои зиёд мавҷуд мебошад.

Бинобар ин, моро зарур аст, ки ҷиҳати беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, корҳои фаҳмондадиҳӣ ва дар маҷмӯъ барои фароҳам овардани фазои боз ҳам мусоиди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ тамоми чораҳоро андешида, бе халалдор намудани низоми фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, аз манбаъҳо ва захираҳои воқеан мавҷуда самаранок истифода кунем ва нишондиҳандаҳои қисми даромади Буҷети давлатиро таъмин намоем.

Дар симои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таърих бори дигар собит сохт, ки наҷоти ҳар як давлату миллат дар лаҳзаҳои ҳассосу тақдирсоз ба зуҳури шахсияти бузурги миллӣ вобастагии зич дорад. Зеро маҳз шахсиятҳои бузург қодиранд инсонҳоро дар ҳалли масъалаҳои мураккаби иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ раҳнамоӣ карда, дар қалбу дидаи мардум шӯълаи умедро ба ояндаи дурахшон барафрӯзанд ва онҳоро ба сӯи ояндаи дурахшон ҷасоратмандона ҳидоят намоянд.

**Шуморо бори дигар ба муносибати Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона шодбош гуфта, бароятон тансиҳатӣ, бахту саодати оилавӣ, пирӯзию сарбаландӣ ва дар фаъолияти пурмасъулиятатон бахри ободиву шукуфоии Тоҷикистон ва мардуми шарифи он комёбиҳои беназирро таманно менамоям.**

**Ҳамеша саломату сарбаланд бошед!**

«Боҷу хироҷ»

*24 ноябр – Рӯзи Парчами миллӣ*




# Парчам - муқаддасоти миллӣ

Ҳанӯз дар рӯзи нуҳуми Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар зеҳну тафаккури мардум ҳамчун иҷлосияи сарнавиштсоз устувор шудааст, яъне 24 ноябри соли 1992 Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тасдиқ гардид. Ҳамин тавр, ин иҷлосия, ки сароғози таҳаввулоти бунёдӣ дар зиндагии иҷтимоӣ ва низоми идории мамлакат ба ҳисоб мерафт, бо тасдиқи Парчами давлатӣ ба ҷаҳониён исбот кард, ки эҳёи давлати миллии тоҷикон аз эҳёи яке аз рукнҳои асосии муқаддасоти миллӣ- Парчами кишвар оғоз меёбад.

Хушбахтона, бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ тоҷикон соҳиби Парчами миллӣ – таҷассумгари гузаштаи шоён ва ояндаи дурахшон гардиданд. Воқеан, дар ҷаҳони муосир доштани Парчами миллӣ нишони истиқлолият ва ваҳдати миллӣ буда, давлат тавассути он дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ мешавад. Имрӯз Парчами миллӣ, ба сифати яке аз рамзҳои асосии давлатдорӣ, таҷассумгари асосҳои таърихиву мероси арзишманди миллӣ, ифодакунандаи мақсаду маром ва ормони халқи куҳанбунёди тоҷик ба ҳисоб меравад. Парчами мо дар замони Истиқлол василаи асосии таҳкими ваҳдати миллӣ, роҳнамои халқи мамлакат ба сӯи ояндаи нек ва нишонаи побарҷо будани давлати соҳибистиқлоламон дар арсаи ҷаҳон гардидааст. Хусусан, дар пояи баландтарин парафшон кардани Парчами давлатӣ рамзи ифтихору садоқат ва арзишҳои миллӣ ва фарҳанги асили куҳанбунёдамон мебошад, ки маҳз дар замони Истиқлол ба вуқӯъ пайвастааст.

Парчами давлатӣ, дар ҳақиқат, нишонаи бақои миллату давлат, ваҳдати миллӣ ва ҳувияти миллӣ аст. Он беҳтарин василаи тарбияи наврасону ҷавонон дар рӯҳияи ифтихори миллӣ ва ҳифзи арзишҳои волои таърихию фарҳангии халқамон маҳсуб мешавад.

Дар ин иртибот, моро мебояд, ки аз Парчами миллии худ ифтихор дошта бошем, эҳтироми онро ҳамчун нишонаи давлатдорӣ, истиқлолияти Ватан ва чун сарвати гаронбаҳои умумимиллӣ, ба ҷо орем. Мо, инчунин, вазифадорем, ки қадру манзалат ва нақшу эътибори Парчами миллиро ба фарзандони худ ва наврасону ҷавонон фаҳмонем ва эҳтиром ба онро талқин намоем.

Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: **"Эҳтироми Парчами давлатӣ ва расидан ба қадри он ҳамчун яке аз рамзҳои муқаддаси Ватани соҳибистиқлол аз ҷумлаи вазифаҳои ифтихорӣ ва қарзи шаҳрвандии аҳли ҷомеаи мо ба ҳисоб меравад ва зарур аст, ки ҳисси ифтихор аз парафшонии он дар сиришту фитрати ҳар як шаҳрванди ватандӯсту меҳанпарасти кишвар доимо пойбарҷо бошад".**

Таманно дорем, ки Парчами давлатии Тоҷикистон, ҳамчун рамзи саодати миллат, ҳамеша парафшон бошад.

"Боҷу хироҷ"

# Хулоса аз таҳлил

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти гузаронидани азнавбаҳисобгирии объектҳои молу мулкро аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз ба ҳолати 1 октябри соли 2019 мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дод.**



Тавре аз Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд, гарчанде иҷрои нақшаи воридоти андозҳо аз молу мулки ғайриманқул дар 9 моҳи соли 2019, дар маҷмӯъ, ба андозаи 105,9 фоиз таъмин гардида бошад ҳам, вале он аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ дар вилояти Хатлон ҳамагӣ 93,1 фоиз, шаҳру ноҳияҳои Душанбе 85,2 фоиз, Ваҳдат 30,1 фоиз, Турсунзода 55,3 фоиз, Ҳисор 31,5 фоиз, Рӯдакӣ 69,6 фоиз, Нуробод 96,3 фоиз, Файзобод 70,2 фоиз ва Шаҳринав 52,1 фоиз таъмин шудааст, ки дар натиҷа, аз ин ҳисоб ба буҷет 1505,2 ҳазор сомонӣ андоз аз молу мулки ғайриманқул ворид нагардид.

Аз 5906 нафар супорандаи андозҳо аз объектҳои молу мулки ғайриманқул танҳо 4839 адад шахси ҳуқуқӣ барои соли 2019 ба мақомоти андоз эъломияҳои андозҳо аз молу мулки худро пешниҳод кардаанд ва тафовути шумораи андозсупорандагоне, ки эъломияҳои андозии худро ба мақомоти андоз пешниҳод накардаанд, ба 1067 адад баробар мебошад.

Масъалаи ташвишовар имрӯз ин пешниҳод нашудан ё дер пешниҳод шудани эъломияҳои андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ба ҳиосб меравад. Шумораи андозсупорандагоне, ки эъломияҳои андозии худро ба мақомоти андоз барои соли 2019 пешниҳод накардаанд, мутаносибан дар вилояти Хатлон 26,7 фоиз, вилояти Суғд 11,3 фоиз, шаҳри Душанбе 15,7 фоиз ва аз ҳисоби нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 19,2 фоизро ташкил медиҳанд.

Ба ҳолати 1 октябри соли 2019 дар мақомоти ҳудудии андоз 1268,9 ҳазор адад шахси воқеӣ ба сифати супорандаи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ба қайд гирифта шудааст. Дар натиҷаи гузаронидани азнавченкунии объектҳои молу мулки шахсони воқеӣ фаъолияти 1307,8 ҳазор адади онҳо таҳти азнавбақайдгирӣ қарор дода шудааст, ки ба 103,1 фоизи шумораи умумӣ баробар мебошад. Нишондиҳандаи рафти гузаронидани азнавбаҳисобгирии объектҳои молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ мутаносибан дар шаҳри Душанбе 99,3 фоиз, вилояти Суғд 103,1 фоиз, вилояти Хатлон 104,2 фоиз, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 103,9 фоиз ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 103,3 фоизро ташкил менамояд.

Тибқи иттилои манбаъ, мақсад аз гузаронидани чорабинии мазкур, пеш аз ҳама, бақайдгирии пурраи объектҳои молу мулк ва дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ дар мақомоти ҳудудии андоз ба ҳисоб меравад. Аммо, чуноне ки аз натиҷаи таҳлилу санҷишҳои гурӯҳҳои корӣ бармеояд, сифати гузаронидани баҳисобгирӣ ва рафти бақайдгирии объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд дар мақомоти ҳудудии андоз, махсусан, дар самти баҳисобгирии объектҳои молу мулки ғайриманқули шахсони ҳуқуқӣ ба талабот ҷавобгӯ нестанд.

Тибқи талаботи Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ» аз 12 феврали соли 2019, №64 дар баробари гузаронидани азнавбаҳисобгирии объектҳои молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ, нисбати шахсони ҳуқуқие, ки дорои объектҳои молу мулк мебошанд, гузаронидани азнавбақайдгирии молу мулк низ пешбинӣ гардидааст. Дар мақомоти ҳудудии андоз аз шумораи умумии шахсони ҳуқуқии супорандагони андозҳо аз молу мулки ғайриманқул (4372 адад) дар ин давра объектҳои молу мулки 3875 адади онҳо таҳти азнавбаҳисобгирӣ қарор дода шудааст, ки ба 88,6 фоизи шумораи умумӣ баробар мебошад. Дар ин давра аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз дар 78 ҳолат объектҳои молу мулки дар қайди мақомоти андоз набудани шахсони ҳуқуқӣ ошкор шуда, дар фаъолияти онҳо ба маблағи 14,8 млн. сомонӣ андозҳо ҳисоб ва пардохти 10,3 млн. сомонии он ба буҷет таъмин гардидааст.

Нишондиҳандаи рафти гузаронидани баҳисобгирии шахсони ҳуқуқӣ дар вилояти Суғд 101,3 фоиз, вилояти Хатлон 99,5 фоиз, ВМКБ 66,1 фоиз, шаҳри Душанбе 102,2 фоиз, НАК 44,4 фоиз, НАМ 80,5 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 86,0 фоиз таъмин гардидааст, ки сифати гузаронидани он ба талабот ҷавобгӯ нест.

Лозим ба ёдоварист, ки дар доираи талаботи “Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои давраи солҳои 2014-2017, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2014, таҳти №428 тасдиқ гардидааст, бо мақсади мубодилаи байниидоравии маълумот, ба танзим даровардани Феҳристи ягонаи давлатии объектҳои молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он ва ҳамзамон, бо мақсади дуруст ба роҳ мондани назорати ҳисоб ва пардохти андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва пурра ба андозбандӣ ҷалб намудани соҳибмулкон санаи 19 сентябри соли 2016, №07-Ф Фармоиши муштараки Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ ва Кумитаи андоз ба имзо расида буд. Мутобиқи маълумоти воридшуда аз Корхонаи давлатии фаръии “Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул” ба махзани маълумоти Кумитаи андоз ба ҳолати 1 сентябри соли 2019 маълумоти 104975 нафар шаҳрванде, ки бо қарорҳои алоҳида ба онҳо объектҳои молу мулк ва қитъаҳои замин ҷудо шудааст, ба махзани маълумоти Кумитаи андоз ҳамарӯза ворид гардида истодааст ва ин раванд ҳоло ҳам идома дорад.

Ҳарчанд аз тарафи мақомоти ҳудудии андоз аз ҳисоби маълумоти воридшудаи Корхонаи давлатии фаръии “Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул” ба барномаи компютерии СИА “Баҳисобгирии андозҳо-шахсони воқеӣ” дар ин самт як қатор корҳо ба анҷом расонида шудааст, аммо, чуноне таҳлилҳо нишон медиҳанд, баъзе аз нозиротҳои андоз дар ин самт таваҷҷуҳи махсус зоҳир накарда, на ҳама соҳибмулконро ба андозбандӣ ҷалб намудаанд.

Чунончи, мутобиқи маълумоти воридшуда аз Кумитаи идораи замин тавассути Корхонаи давлатии фаръии “Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул” ба ҳолати 1.10.2019 маълумоти 104975 шахси воқеӣ вобаста ба объектҳои молу мулк ва ҳуқуқҳо ба он ба махзани маълумоти Кумитаи андоз ворид гардидааст, ки аз он 43426 адад объекти молу мулки ғайриманқул ва ба 49126 адад заминистифодабаранда қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ҷудо шудааст, ки объектҳои молу мулки дар қайди мақомоти андознабуда аз ҳисоби объектҳои молу мулки ғайриманқул 19203 адад ё 44,2 фоиз бо масоҳати 4215,3 ҳазор метри мураббаъ ва қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ 24326 адад ё 49,5 фоиз бо масоҳати умумии 2180,0 ҳазор метри мураббаъро ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаи шумораи объектҳои молу мулки дар қайди мақомоти андознабуда, мутаносибан дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд аз ҳисоби молу мулк 4826 адад, қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ 6125 адад, вилояти Хатлон молу мулк 2926 адад, қитъаҳои замин 8625 адад, шаҳри Душанбе 8107 адад ва қитъаҳои замин 1402 адад ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз ҳисоби объектҳои молу мулки ғайриманқул 4175 адад ва қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ 8125 ададро ташкил медиҳад.

Омиле, ки ба дуруст ҳисоб ва пардохт шудани андозҳо мусоидат менамояд, ин дуруст муайян намудани уҳдадории андозии супорандагони андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби шуъбаҳои ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз шумораи умумии супорандагони андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ бо истифода аз китобҳои бақайдгирии объектҳои молу мулки ғайриманқул, ки пешбурди он қаблан дар шакли қоғазӣ дар мақомоти ҳудудии андоз ба роҳ монда мешуданд, бақияпулии андозҳо аз молу мулки ғайриманқули 370408 адад андозсупоранда, ҷамъ ба маблағи 24967,0 ҳазор сомонӣ муайян гардида, тибқи тартиби муқарраршуда барои ворид намудани бақияпулии андозҳо (салдо) ба махзани маълумот ба шуъбаҳои баҳисобгирии даромадҳо пешниҳод шудааст.

Дар ин давра, аз тарафи кормандони шуъбаҳои баҳисобгирӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ маълумоти бақияпулиҳои 350191 адад ба маблағи 21374,0 ҳазор сомонӣ ба барномаи компютерӣ дохил шуда, ҳамзамон доир ба рафти иҷрои уҳдадориҳои андозӣ бо 20686 адад ё 6,6 фоизи супорандагони андозҳо аз молу мулки ғайриманқул санадҳои муқоисавии дуҷониба тартиб дода шудааст.

Тавре аз таҳлили маълумот бармеояд, аз тарафи баъзе нозиротҳои андоз рӯихати пешниҳодшудаи шумораи бақияпулиҳои андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ дар муқоиса бо шумораи умумӣ хоҷагиҳо дар сатҳи паст қарор дорад. Чунончи, нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Зафаробод ҳамагӣ 15 адад, Айнӣ 72 адад, Деваштич 981 адад, Панҷакент 986 адад, Истиқлол 436 адад, Хуросон 321 адад, Ҷайҳун 97 адад, Қубодиён 286 адад, Ҷалолиддини Балхӣ 807 адад, Абдураҳмони Ҷомӣ 474 адад, Носири Хусрав 300 адад, Муъминобод 243 адад, Балҷувон 109 адад, Ховалинг 805 адад, Файзобод 57 адад, Сангвор 20 адад, Нуробод 78 адад, Варзоб 198 адад, Лахш 416 адад ва Тоҷикобод 516 адад рӯихати андозсупорандаро бо нишон додани бақияпулиҳои андозҳо аз объектҳои молу мулки ғайриманқул пешниҳод намудаанд, ки ин, албатта, нокифоя мебошад.

Рафти тартиб додани санадҳои муқоисавӣ дар нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳристон, Гулистон, Бӯстон, Бобоҷон Ғафуров, Хуҷанд, Деваштич, Мастчоҳ, Исфара, Спитамен, Кушониён, Дӯстӣ, Қубодиён, Ҷалолиддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Шаҳритус, Ёвон, Сарбанд, Кӯлоб, Фархор ва шаҳру ноҳияҳои ВМКБ дар сатҳи паст қарор дошта, онҳо дар ин давра бо шахсони воқеӣ санадҳои муқоисавӣ тартиб надоданд.

Вобаста ба ин, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ҳудудии андозро вазифадор кардааст, ки бо мақсади ташкили дурусти кор ва ислоҳи камбудиҳо, инчунин, тақвияти бахшидан ба ҷамъоварии маблағи андозҳо аз молу мулк дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоту шаҳрак ва кӯчаву маҳаллаҳо семинар – машварату вохӯриҳо доир намоянд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

**Яке аз вазифаҳои муҳими мақомоти андоз гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ ба ҳисоб меравад ва аз ин рӯст, ки он ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.**

# Чораандешӣ

## нисбати соҳибкорони беқайд



Чуноне аз натиҷаи корҳои назоратӣ бармеояд, ҳарчанд маданияти андозсупории андозсупорандагон нисбат ба давраҳои қаблӣ беҳтар гардидаю сатҳи қонунунвайронкуниҳои андоз нисбатан коҳиш ёфтааст, аммо қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагони алоҳида ҳанӯз ҳам дида мешавад. Раванди корҳои таҳлилӣ ва назоратии мақомоти андоз нишон медиҳад, ки як гурӯҳи муайяни андозсупорандагон аз сабукӣ ва имтиёзҳои андозии пешбинишуда суистифода намуда, ба пинҳонкунии манбаъҳои андозбандӣ, пурра ва сари вақт пардохт накардани андозҳо, дуруст ва ба таври пурра нишон надодани натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии худ ё ва умуман, беқайд дар мақомоти андоз машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ даст зада истодаанд.

Ин буд, ки Гурӯҳи корӣ, ки дар асоси Амрномаи Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гузаронидани корҳои назоратӣ ва фаҳмондадиҳӣ ба ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе сафарбар шуд, дар доираи амалиёти худ як қатори қонуншиканиҳоро ошкор кард ва барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ба андозсупорандагон корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронид.

Тавре сардори шуъбаи санҷишҳои амалиётӣ, назорати фаврӣ ва пешгирии соҳибкории ғайриқонунии Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шаҳриёр Афғонов гуфт, Гурӯҳи корӣ бо мақсади назорати иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19.05.2009, №508 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» аз 31.08.2012, №451 санҷиши дурустии ҳисоб ва пардохти андозҳо аз тарафи ошхона, тарабхона, қаҳвахона, марказҳои дилхушӣ, марказҳои калони савдо ва мағозаҳо, инчунин, назорати таҳвили (фурӯши) молҳои зераксизӣ, истеҳсол ва банду басти молу маҳсулот аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ дар ҳудуди шаҳри Душанбе вобаста ба реҷаи кории андозсупорандагон сафарбар гардида буд.

Бояд гуфт, ки Гурӯҳи корӣ зимни гузаронидани корҳои назоратӣ дар кӯчаи Қаҳорров ва Карин Мани ниҳияи Фирдавсӣ 7 нуқтаи фаъолияти соҳибкории беқайдро ошкор ва нисбати онҳо бо моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколҳои маъмурӣ тартиб дод.

**Масалан,** маълум гардид, ки шахси воқеӣ Носир Юлчиев 1 сол боз дар суроғаи ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Карин Ман 130 бе қайди давлатӣ ба фаъолияти тайёр ва насб кардани мебел ва таҷҳизоти он машғул мебошад. Ҳамчунин, аён гардид, ки номбурда 1 коргари кирояро бе бастани шартнома ба кор ҷалб намудааст. Дар натиҷа, нисбати соҳибкор аз ин ҳисоб ва аз ҳисоби даромади бадастовардаи андозбандишавандааш ба маблағи 13692 сомонӣ андозҳо ҳисоб шуда, маблағ пурра ба буҷет пардохт гардид.

**Мисоли дигар.** Қаҳвахонаи “Истиқлол”, ки аз ҷониби шахси воқеӣ Фирдавси Маҳадназар, истиқоматкунандаи ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Анзоб бе қайд дар мақомоти андоз мавриди истифода қарор гирифтааст, асосан аз моҳи январи соли 2019 инҷониб дар асоси шартномаи иҷора аз шаҳрванд Дилрабо Мирҳодиева бо пардохти 10000 сомонӣ дар як моҳ ба иҷора гирифта шудааст. Ҳангоми гузаронидани корҳои назоратӣ муайян гардид, ки дар қаҳвахонаи мазкур 10 нафар коргари кироя бо гирифтани музди маош дар як рӯз ба маблағи 760 сомонӣ кор карда истодаанд. Аз рӯи гуфтаи худ соҳибкор ба ҳисоби миёна дар як рӯз ба маблағи 2000 сомонӣ даромад дорад. Дар натиҷа, нисбати соҳибкор дар асоси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, номбурда дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шуд ва коргарони кироя бо шартномаи меҳнатӣ таъмин гардиданд.

Хулоса, тавре ки таҳлил ва корҳои назоратӣ нишон доданд, қонунвайронкуниҳои андоз, асосан, аз бемасъулиятии баъзе аз андозсупорандагон ба вуқӯъ омадааст. Ин шаҳодат медиҳад, ки баъзе андозсупорандагон муқаррароти қонунгузории андозро риоя намекунанд. Аз ин рӯ, андозсупоранда бояд дарк намояд, ки ҳар қонуншикание, ки аз ҷониби ӯ рӯх медиҳад, дер ё зуд ҳатман ошкор хоҳад шуд. Андозсупорандагонро мебояд, ки қонунгузории андозро дуруст риоя намоянд.

**М. ҶУМЪА**

# Корҳои назоратӣ – мусоидат ба фаъолият



**Анҷом додани корҳои назоратӣ дар фаъолияти андозсупорандагон яке аз самтҳои муҳими фаъолияти кормандони мақомоти андоз ба шумор меравад.**

- Дар давоми даҳ моҳи соли равон бо мақсади санҷиши риояи муқаррароти қонунгузорӣ дар самти пардохти андоз мутахассисони нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят фаъолияти 18 шахси ҳуқуқӣ ва чанд тан аз соҳибкорони инфродиро мавриди санҷиш қарор доданд, - мегӯяд муовини сардори Раёсати андози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Дониш Бойназаров. - Дар натиҷаи ин санҷиш 280 ҳазору 190 сомонӣ маблағи пиҳонӣ ошкор гардида, аз он 197 ҳазору 409 сомонӣ ба буҷет ворид шудааст, ки ин 70 фоизро ташкил медиҳад. Дар ин давра аз тарафи мутахассисони мақомоти андози вилоят дар асоси 31 амрнома фаъолияти 216 андозсупорандаро мавриди санҷишҳои амалиётӣ қарор дода, ба маблағи 125 ҳазору 539 сомонӣ андозҳои иловагиро ошкор ва пардохти ин маблағро ба буҷет сари вақт таъмин намуданд.

Яке аз дигар самтҳои корҳои назоратӣ ин гузаронидани муоинаи хронометражӣ мебошад, ки ҳадафи аслии он муайян намудани даромад ва хароҷоти воқеии андозсупоранда ба ҳисоб меравад. Ба касе пӯшида нест, ки мақсади ниҳоии ҳар як андозсупоранда ҳарчи бештар ба даст овардани даромад мебошад. Аммо ҳангоми амалӣ намудани ин нияти нек андозсупоранда бояд иҷрои уҳдадориҳои худро дар назди Кодекси андози ҷумҳурӣ ва дигар муқаррароти қонунгузорӣ фаромӯш накунад. Дар давоми 10 моҳи сипаригашта аз тарафи мақомоти андози вилоят мутобиқи талаботи моддаи 40 Кодекси андози ҷумҳурӣ бо мақсади муайян кардани даромад ва хароҷоти воқеӣ дар фаъолияти 46 андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронида шудааст. Дар натиҷаи гузаронидани муоинаи хронометражӣ нисбат ба 22 андозсупоранда барои риоя накардани Кодекси андоз ба маблағи 6 ҳазор сомонӣ санадҳои маъмурӣ тартиб дода шуданд ва маблағи ҷарима пурра ба буҷет пардохт гардидааст. Ба гуфтаи Д. Бойназаров, сарфи назар аз таъкидҳои пайваста, ҳанӯз ҳам мутахассисони нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят санҷишҳои амалиётиро дар бисёр маврид кам ва ҳам дар сатҳи паст мегузаронанд.Дар ин давра кормандони нозиротҳои андози ноҳияи Ванҷ ҳамагӣ 1 бор ва ноҳияи Роштқалъа 2 маротиба муоинаи хронометражӣ гузаронидаанду халос. Нозироти андози ноҳияи Мурғоб дар давоми даҳ моҳи соли равон умуман муоинаи хронометражиро нагузаронидааст.

Гузаронидани назорати камералӣ ҳам дар фаъолияти соҳибкорон аз шаклҳои корҳои назоратӣ мебошад, ки мақсади он пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз аст. Дар ин давра кормандони нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят мутобиқи муқаррароти моддаи 37 Кодекси андоз нисбати 38 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида, ба маблағи 748134 сомонӣ кам ҳисоб кардан ва пинҳонкунии андозро ошкор карданд. Баъди ирсоли огоҳиномаҳо бо мақсади ислоҳи нуқсу камбудиҳо ба андозсупорандагон эъломияҳои иловагӣ фиристонида шуданд ва маблағи 720940 сомонӣ ба буҷет ворид карда шуд.

**Довари БОВАР**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Джефф Безос потерял почти $7 млрд из-за неудачной отчетности Amazon

**Основатель и глава Amazon Джефф Безос за сутки потерял около $7 млрд из-за недовольства инвесторов отчетностью его компании. Накануне, 24 октября, Amazon отчиталась о прибыли в третьем квартале, однако показатели оказались хуже прогнозов. На фоне этих новостей акции компании упали на 9%.**

Из-за падения котировок Джефф Безос потерял $6,9 млрд, сообщает телеканал CNBC. Господину Безосу принадлежат 57,6 млн акций Amazon. На закрытии торгов на американской бирже NASDAQ котировки отыграли падение и поднялись на 1,06%, до $1,7 тыс. за бумагу.

Согласно отчету Amazon, в четвертом квартале 2019 года чистая прибыль от продаж прогнозируется в диапазоне $80–86,5 млрд, тогда как аналитики ожидали $87,3 млрд. Компания также прогнозирует $1,2–2,9 млрд операционной прибыли, а аналитики рассчитывали на сумму вдвое больше — $4,19 млрд, пишет Reuters.

Ранее стало известно, что в конце июля Джефф Безос продал чуть более 900 тыс. акций Amazon по цене около $1,9 тыс. за бумагу. Общая сумма проданных акций составила примерно $1,8 млрд. После продажи пакета акций стоимость активов бизнесмена оценивалась в $117 млрд, благодаря чему господин Безос лидировал в индексе миллиардеров Bloomberg.

**Источник: https://news.mail.ru/economics**

# Бақияпулиҳои қарзи андоз кам гардид

**Тибқи иттилои сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Муъминобод Султон Лутфиев иҷрои нақшаи андозҳо дар 9 моҳи соли равон дар ноҳия ба андозаи 100,1 фоиз таъмин гардидааст. Дар ин давра ба ҷойи 11111702 сомонӣ нақшаи пешбинигардида ба буҷети давлатӣ 11123085 сомонӣ ворид шудааст.**

Ба ҳолати 1-уми январи соли 2019 дар ноҳияи Муъминобод бақияпулиҳои қарзи андоз 2145976 сомониро ташкил медод. Дар натиҷаи гузаронидани семинар - машварат ва корҳои фаҳмондадиҳӣ бақияпулиҳои қарзи андоз нисбат ба аввали соли 2019 ба маблағи 104 ҳазору 919 сомонӣ кам гардид. Феълан, бақияи қарзи андоз ба ҳолати 1-уми октябри соли 2019 дар ноҳия 2041057 сомониро ташкил медиҳад.

Кормандони нозироти андоз дар ноҳияи Муъминобод ҷиҳати маҷбуран ситонидани бақияпулиҳои қарзи андоз дар ин давра ба маблағи 1458000 сомонӣ 42 қарор қабул намуданд, ки танҳо аз ин ҳисоб маблағи 1117800 сомонӣ ба буҷет ворид гардидааст. Ҳамчунин, ба 1068 нафар андозсупоранда ва соҳибкорони марказҳои хизматрасонӣ ба маблағи 2261400 сомонӣ огоҳинома доданд, ки аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ 1779700 сомонӣ маблағ пардохт шудааст.

Султон Лутфиев изҳор дошт, ки мақомоти андози ноҳия дар 9 моҳи соли равон 32 нафар андозсупорандаро бо тартиб додани протоколҳои маъмурӣ ба маблағи 38 ҳазору 769 сомонӣ ҷарима намуданд, ки танҳо аз ин ҳисоб маблағи 26 ҳазору 184 сомонӣ ба буҷет пардохт гардидааст.

Феълан, дар ҳудуди ноҳия 4389 адад хоҷагии деҳқонӣ, 106 соҳибкори тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, 300 соҳибкор тибқи патент амалкунанда ва 447 шахси ҳуқуқӣ мебошанд, ки ҳамчун андозсупоранда ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд.

Ҳамин тариқ, кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Муъминобод дар 9 моҳи соли равон бақияпулиҳои қарзи андозро ба маблағи 104 ҳазору 919 сомонӣ кам намуданд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

# Дар таъмини МНХ диққати ҷиддӣ мебояд



Мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ (МНХ) яке аз воситаҳои асосии муайян намудани даромади воқеии андозсупорандагон ба ҳисоб рафта, истифодаи он ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ, дар вақти фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо бо пули нақд ҳатмӣ мебошад. Мувофиқ ба нақшаи тасдиқнамудаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи андозсупорандагони вилояти Суғд дар соли 2019 бо мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ 2016 адад муайян шудааст. Чи тавре ки ба мо аз Раёсати андози вилояти Суғд иттилоъ доданд, ба санаи 1-уми ноябри соли 2019 аз тарафи мақомоти ҳудудии андоз дар вилоят оид ба иҷрои Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз санаи 08.01.2019, таҳти №5 дар фаъолияти 1064 андозсупоранда мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ насб шудааст, ки 63,3 фоизи нақшаи тасдиқшударо ташкил медиҳад. Аз ҷумла, дар шаҳрҳои Хуҷанд-317 нафар, Исфара-147 нафар, Истаравшан-93 нафар, Конибодом-77 нафар, Бӯстон-70 нафар, навоҳии Бобоҷон Ғафуров-185 нафар ва Ҷаббор Расулов-70 нафар андозсупоранда бо мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ таъмин карда шудаанд.

Агар ҷараёни таъмини мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалиро аз рӯи ҷамъбасти 10 моҳи соли 2019 таҳлил кунем, мебинем, ки дар ин давра нақшаи тасдиқнамудаи Кумитаи андозро нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 137,8%, Айнӣ 105%, Гулистон 100%, Истиқлол 100%, Мастчоҳ 100%, Ҷаббор Расулов 100%, Шаҳристон 100% иҷро кардаанд. Вале ҳолати таъмин ва истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ нишон медиҳад, ки як қатор мақомоти ҳудудии андози вилояти Суғд ҳанӯз ҳам ба ин самти фаъолият диққати ҷиддӣ намедиҳанд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Оё нақша сифатан иҷро шудааст?



**Дар солҳои охир ҳарчанд иҷрои сифатноки нақшаи андоз аз фоида беҳтар шудааст, мутаассифона, дар ин самт мушкилиҳо ҳанӯз ҳам ба назар мерасанд.**

Дар нуҳ моҳи соли 2019 ба ҷои 1 млрд. 296,4 млн. сомонӣ ба буҷет 1 млрд. 317,7 млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки он ба 101,6 фоизи нақша баробар аст. Ин нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда 21,3 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Аммо шаҳру ноҳияҳои Бохтар нақшаро ҳамагӣ 63,6%, Кушониён 44,2%, Вахш 96,6%, Хуросон 59,0%, Абдураҳмонӣ Ҷомӣ 65,7%, Ёвон 67,0%, Носири Хусрав 46,0%, Хуҷанд 87,6%, Гулистон 78,7%, Конибодом 75,8%, Панҷакент 80,0%, Истаравшан 92,0%, Айнӣ 87,8%, Мастчоҳ 92,7%, Спитамен 66,0%, Ҷаббор Расулов 86,6%, Бобоҷон Ғафуров 81,0%, Роғун 81,6% ва Турсунзода 88,0% иҷро намуданд, ки дар натиҷа, аз ин ҳисоб ба буҷет 76,4 млн. сомонӣ ворид нагардид.

Тибқи иттилои Раёсати ташкили андозбандӣ, омӯзиши нишондодҳои эъломияҳои андоз аз фоидаи андозсупорандагон барои соли 2018 муайян намуд, ки даромади умумии супорандагони андоз аз фоида 50,1 млрд. сомонӣ ва хароҷоти аз даромади умумӣ тарҳшаванда ба 43,4 млрд. сомонӣ баробар будааст. Фоидаи бадастовардаи андозсупорандагон дар эъломияҳои андоз аз фоида 6,7 млрд. сомонӣ нишон дода шудааст, ки он 13,4 фоизи даромади умумиро ташкил медиҳад. Ёдрас менамоем, ки ҳамин нишондод дар эъломияҳои андоз аз фоидаи андозсупорандагон барои соли 2017 ба 9,6 ва дар соли 2016 ба 2,9 фоизи даромади умумии андозсупорандагон баробар буд.

Сардори Раёсати ташкили андозбандӣ Шамсулло Кабирзода зикр намуд, ки ҳиссаи хароҷоти тарҳшаванда нисбат ба даромади умумӣ дар эъломияҳои андоз аз фоидаи андозсупорандагон барои соли 2018-ум 86,6 фоизро ташкил медиҳад. Ин нишондод барои соли 2017 ба 90,5 фоиз ва барои соли 2016 ба 97,0 фоиз баробар буд. Чуноне аз омӯзиши нишондиҳандаҳо оид ба таносуби хароҷот нисбат ба даромади умумии андозсупорандагон аз рӯи соҳаҳои алоҳидаи фаъолият бармеояд, нишондиҳандаҳои мазкур дар эъломияи андоз аз фоидаи андозсупорандагон ҳоло ҳам ба талабот ҷавобгӯ набуда, дар субъектҳои хоҷагидори баъзе соҳаҳои фаъолият зиёда аз 90,0 – 95,0 фоиз ва ҳатто аз ин ҳам зиёдро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, таносуби хароҷот нисбат ба даромад дар миқёси ҷумҳурӣ дар корхонаҳои соҳаи хариду фурӯш ба 96,0 фоиз, воридоти сӯзишворӣ 97,0 фоиз, хариду фурӯши сӯзишворӣ 95,0 фоиз, корхонаҳои сохтмонӣ 92,0 фоиз, корхонаҳои давлатӣ 93,2 фоиз ва корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ ба 93,5 фоиз баробар гардидааст.

Сардори Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсулло Кабирзода мегӯяд, ки яке аз мушкилиҳои асосӣ дар самти кам ҳисоб ва пардохт шудани андоз аз фоида ин ҳангоми қабули эъломияҳои ин намуди андоз роҳ додан ба хатоҳо мебошад. Дар натиҷа, шумораи зиёди андозсупорандагон маблағҳои тарҳшавандаи худро дар ҳисоботашон аз меъёрҳои муқарраргардида зиёд нишон дода, фаъолияти худро дар ҳисобот бо гирифтани фоидаи ночиз ва ё бо зарар ҷамъбаст намудаанд.

- Гуфтан зарур аст, ки айни замон аз шумораи умумии супорандагони андоз аз фоида, ки дар миқёси ҷумҳурӣ 4519 ададро ташкил менамояд, дар маҷмӯъ, 4124 адади он, ки ба 91,3 фоизи шумораи умумӣ баробар мебошад, аз натиҷаи фаъолияти молиявии соли 2018 эъломияи солонаи андоз аз фоидаро ба мақомоти андоз пешниҳод намудаанд. Аз 4124 адад эъломияҳои қабулшуда, дар 3347 адади он ё ки 81,2 фоизи субъектҳои хоҷагидор фаъолияти худро бо гирифтани фоида ҷамъбаст намуда, фоидаи бадастовардаи онҳо дар ин давра 7,3 млрд. сомониро ташкил намудааст. Дар баробари ин, 498 адад ё 12 фоизи супорандагони андоз аз фоида фаъолияти молиявии соли 2018-ро бо зарар ҷамъбаст кардаанд, ки маблағи умумии зарари бадастовардаи онҳо ба 591,3 млн. сомонӣ баробар гардидааст, - зикр намуд Шамсулло Кабирзода.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мақомоти ҳудудии андоз ҳангоми муайян намудани фоидаи андозбандишаванда ба таносуби хароҷот нисбат ба даромади умумӣ ва даромаднокии корхонаҳо, бо дарназардошти хусусияти соҳаи фаъолият аҳамияти ҷиддӣ надодаанд. Аз омӯзиши масъалаи даромаднокии андозсупорандагон аз рӯи соҳаҳои алоҳидаи фаъолият бармеояд, ки нишондиҳандаҳои эъломияи андоз аз фоидаи андозсупорандагон аз рӯи як қатор соҳаи фаъолият дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ ба таври куллӣ фарқ менамояд. Масалан, агар даромаднокии корхонаҳои соҳаи хариду фурӯш дар шаҳри Душанбе ба ҳисоби миёна ба 5,7 фоиз баробар бошад , чунин нишондиҳандаҳо дар вилояти Хатлон ба 1,0 фоиз, вилояти Суғд 3,4 фоиз ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 2,8 фоизро ташкил медиҳад.

Фарқияти калон дар соҳаи хизматрасонӣ мушоҳида мешаванд. Агар дар соли 2018 даромаднокии корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ дар шаҳри Душанбе 19 фоизро ташкил диҳад, пас ин нишондиҳанда дар вилояти Суғд ба 24 фоиз, вилояти Хатлон 17,3 фоиз ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба 8 фоиз баробар мебошад.

- Қобили қайд аст, ки дар миқёси ҷумҳурӣ чунин фарқиятҳо дар ҳама намуди фаъолияти хоҷагидорӣ ҷой доранд, - мегӯяд Ш. Кабирзода. - Ҳол он ки андозсупорандагони соҳаҳои алоҳида вобаста ба хусусияти фаъолият ҳамон як амалиётро анҷом дода, хароҷоти тарҳшавандаи онҳо набояд ба чунин андоза фарқ намояд. Боиси нигаронист, ки то ба имрӯз аз ҷониби 395 супорандаи андоз аз фоида бархилофи қонунгузорӣ эъломияи андоз аз фоида ва ҳисоботи муҳосибии солонаи 2018 ба мақомоти андоз пешниҳод карда нашудааст. Аз ин шумора ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 10 адад, вилояти Хатлон 90 адад, вилояти Суғд 107 адад, шаҳри Душанбе 135 адад рост меояд.

Бояд гуфт, ки маблағҳои ҳисобшудаи андоз аз фоида нисбат ба солҳои пешин афзоиш ёфта, дар баробари ин, бақияи қарзи ин намуди андоз дар соли ҷорӣ нисбат ба аввали давраи ҳисоботӣ зиёд гардидааст. Ба ҳолати 1 январи соли ҷорӣ бақияи қарзи андоз аз фоида дар миқёси ҷумҳурӣ 76,2 млн. сомониро ташкил додааст, ки ин нишондиҳанда ба ҳолати 1 октябри соли ҷорӣ 43,6 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

**Тоҷинисои ЗАЙНИДДИН**



**Дар асоси муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкорони инфиродӣ, ки бо патент ва шаҳодатнома фаъолият менамоянд, аз рӯи тартиби содакардашуда андозбандӣ карда мешаванд. Истифодаи патент дар ибтидо ҳамчун зинаи нахустини фаъолияти соҳибкорӣ маҳсуб мeёбад, зеро шаҳрванд фаъолияти худро дар навбати аввал бо тартиби содатарини андозбандӣ оғоз намуда, баъди ба даст овардани маблағи кофӣ ва пайдо намудани таҷрибаи хуби соҳибкорӣ ба тартиби нави бо шаҳодатнома фаъолият намудан мегузарад. Албатта, гузариш ба тартиби нави фаъолият соҳибкорро уҳдадор менамояд, ки тибқи қонунгузории андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои пешбурди фаъолияти худ коргари кироя гирад, фаъолияти иқтисодии хориҷиро амалӣ созад, ҳисоботи муҳосибиро пеш барад ва оид ба ҳисоботи андозии худ ба мақомоти андоз эъломия пешниҳод намояд.**

# Корҳои фаҳмондадиҳиро вусъат бахшем

Тибқи маълумот дар нуҳ моҳи соли 2019 дар миқёси ҷумҳурӣ аз 34293 нафар соҳибкори бо шаҳодатнома фаъолияткунанда ҳамагӣ 86 нафар бо зиёд гардидани даромади умумиашон фаъолияти худро аз рӯи шаҳодатнома қатъ намуда, ба шахси ҳуқуқӣ гузаштаанд. Ин рақам дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳамагӣ 19 нафарро ташкил медиҳад, ки дар маҷмӯъ, ба ҳар шаҳру ноҳия 3- ададӣ рост меояд.

Таҳлили нишондиҳандаҳо оид ба пардохти андозҳо аз тарафи соҳибкорони инфиродии бо патент фаъолиятдошта нишон медиҳад, ки як қатор соҳибкорон, ки ба тартиби қаблии андозсупорӣ одат карда буданд, то ҳол уҳдадориҳои андозии худро мустақилона ва сари вақт таъмин накарда истодаанд.

Харидҳои назоратие, ки чанде пеш бо мақсади иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012 таҳти № 451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд», инчунин, таъмин накардани ҳуҷҷатҳо ва риоя накардани тартиби истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ, терминалҳои электронӣ ва баҳисобгирии хазина дар ноҳияи Рӯдакӣ гузаронида шуд, қонунвайронкуниҳои зиёдеро дар фаъолияти соҳибкорон ошкор намуд. Маълум шуд, ки аксарияти соҳибкорон дар ҳисоботи андозӣ даромади худро кам нишон дода, бо ҳар роҳу восита маблағҳои андозро пинҳон медоранд.

## ■ БЕПАРВОӢ

Соҳибкори инфиродӣ Фароғат Арбобова, ки дар маркази ноҳияи Рӯдакӣ ба тайёр ва фурӯши таомҳои миллӣ машғул аст, якчанд маротиба аз ҷониби кормандони мақомоти ҳудудии андоз барои бепарвоӣ зоҳир намудан нисбат ба истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ огоҳонида шуда буд. Вале қонуншиканӣ аз ҷониби ӯ давом меёфт. Ниҳоят моҳи сентябри соли равон дар фаъолияти ин соҳибкор хариди назоратӣ гузаронида муқаррар карда шуд, ки мавсуф тартиби истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва баҳисобгирии хазинаро ҳангоми кору хизматрасонӣ риоя намекунад. Маҳз чунин беамалии соҳибкор Фароғат Арбобова боиси нодуруст ва таҳрифкорона пешниҳод шудани ҳисоботи андозӣ гардидааст. Бо дарназардошти камбудиҳои зикргардида соҳибкор Фароғат Арбобова барои риоя накардани тартиби истифодаи мошини назоратӣ –хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва баҳисобгирии хазина (баҳисобгирии пули нақд), ҳамчунин, анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ бо истеъмолкунандагон ҳангоми хизматрасониҳо тавассути пули нақд бе додани чиптаи МНХ бо моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 4400 сомонӣ ҷарима карда шуд.

## ■ ДАРДИ БАДРО ДАВОИ БАД

Кормандони шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ чанде пеш фурӯшандаи мағозаи хӯрокворӣ Саидшо Раҳимовро барои ба истеъмолкунандагон надодани чиптаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва дар ҳисоботи андозӣ бардуруғ нишон додани маблағи даромади хеш огоҳ карда буданд. Мутаассифона, пас аз як ҳафта ду нафар сокини ноҳия ба мақомоти андоз омада, аз хизматрасонии бади мағозаи номбурда ва ба ивази хариди кардаашон надодани чипта шикоят намуданд.

Кормандони нозироти андоз дар мағозаи номбурда хариди назоратӣ гузаронида, қонуншиканиро ошкор намуданд. Соҳибкор С. Раҳимов ба ивази хариди кардаи кормандони мақомоти ҳудудии андоз натанҳо чиптаи МНХ надод, балки дағалмуомилагӣ низ кард. “Дарди бадро давои бад” гуфтагӣ барин ин амали номатлуби С. Раҳимов мутобиқи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳкум шуда, нисбати ӯ ба маблағи 4400 сомонӣ ҷарима таъин гардид.

## ■ БАҲОНА

Равшан Одинаев, ки дар бозори фурӯши чорво ҳамчун шахси масъул ба хизматрасонӣ машғул аст, барои таъмин накардани нигоҳдории ҳуҷҷатҳои вобаста ба истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ, аз ҷумла лентаҳои назоратӣ ва ҳамчунин ба мизоҷон пешниҳод накардани чиптаи МНХ аз ҷониби кормандони нозироти андози ноҳия мутобиқи талаботи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2200 сомонӣ ҷарима шуд. Ӯ надоштани лентаи МНХ-ро баҳона нишон дода, аз ҷониби кормандони андоз тартиб дода шудани протоколи маъмуриро нодуруст ва ғайриқонунӣ ҳисоб намуд. Вале чун аз ҷониби кормандони мақомоти ҳудудии андоз даст ба қонунвайронкунӣ заданаш тибқи тартиби қонунгузории андоз исбот гардид, аз даъвои кардааш пушаймон шуда, узр пурсид.

Бояд тазаккур дод, ки дар аксар ҳолатҳо соҳибкорон надоштани коғазу ранг ва вайрону корношоям будани мошини назоратӣ-хазинавии дар ихтиёр доштаашонро баҳона нишон дода, мехоҳанд бо ин восита худро аз ҷазо дар канор гиранд. Ё худ ҳолатҳое низ мешавад, ки онҳо надонистани қонуни андозро асос намуда, худро ҳақ нишон медиҳанд. Вале дарк намекунанд, ки надонистани қонун касеро аз ҷазо озод намекунад. Аз ин нуқтаи назар, хуб мешуд шаҳрвандоне, ки амали соҳибкориро пешаи худ қарор медиҳанд, дар навбати аввал, бо қонунҳои андоз шинос шуда, риояи онро асоси фаъолияти худ қарор медоданд.

Дар амалиёти «Хариди назоратӣ» соҳибкорони инфиродӣ Бадриддин Шарбатов, Аҳлиёр Ҳасанов, Ярмуҳамад Мирзоев ва Очилдӣ Лолаев низ барои таъмин накардани нигоҳдории ҳуҷҷатҳои вобаста ба истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ, аз ҷумла лентаҳои назоратӣ ва надодани чипта ба мизоҷон аз ҷониби кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ мутобиқи талаботи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи аз 2200 то 4400 сомонӣ ҷарима карда шуданд.

Бояд қайд намуд, ки тадбирҳои андешидаи Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ дар самти гирифтани пеши роҳи ҳар гуна қонунвайронкуниҳо ҳанӯз ҳам кофӣ нест. Танҳо дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ дар 103 ҳолат хариди назоратӣ гузаронида шуда, нисбати вайронкунандагони қонун ба маблағи 360900 сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ шудааст, ки маблағи ҷаримаи маъмурӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар як протоколи тартибдодашуда 3503 сомонӣ рост меояд. Худи ҳамин рақамҳо шаҳодат медиҳанд, ки ҳанӯз ҳам сатҳи дониши ҳуқуқии андозсупорандагон ба талаботи имрӯз ҷавобгӯ нест. Аз ин лиҳоз, кормандони мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки дар байни соҳибкорон корҳои фаҳмондадиҳиро вусъати тоза бахшанд.

**Муҳаммадӣ ТАБАРЗОДА**

# Бозомӯзии коргузорон

Аз рӯзи 7-ум то 9-уми ноябри соли равон дар бахши Маркази такмили ихтисоси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Раёсати андози вилояти Суғд машғулиятҳои бозомӯзии навбатӣ доир гардиданд. Ин навбат дар машғулиятҳои бозомӯзӣ котибон-коргузорони ҳамаи 18 шаҳру ноҳияи вилоят ширкат намуданд, ки асосан, мутахассисони ҷавонро ташкил медоданд. Дар асоси барномаи таълимӣ ба шунавандагони курсҳои бозомӯзӣ қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастурамал ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, дар кишварамон, ки фаъолияти котиб-коргузорро ба танзим медароранд, омӯзонида шуданд.

Ёдовар мешавем, ки бахши Маркази такмили истисоси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тохикистон дар Раёсати андози вилояти Суғд 21-уми августи соли 2014 бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳ ёфта буд. Давоми панҷ соли фаъолияти бахши Маркази такмили ихтисоси Кумитаи андоз садҳо нафар кормандони мақомоти андози вилояти Суғд ба курсҳои бозомӯзӣ фаро гирифта шуданд.

Мудири бахш изҳор дошт, ки то анҷоми соли 2019 боз чанд машғулиятҳои бозомӯзии навбатӣ барои дигар гурӯҳи кормандони Раёсати андози вилояти Суғд ва мақомоти ҳудудии он ташкил карда хоҳанд шуд.

**Тоҳирҷон ШАРИФӢ,**
**вилояти Суғд**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Обыск дня: В «Молдовагаз» изымаются документы в рамках следствия по отмыванию денег

**Это происходит в региональном представительстве «Унгень-газ»**

Офицеры Национального инспектората расследований совместно с Прокуратурой по борьбе с организованной преступностью и особым делам проводят в эти минуты обыски в «Унгень-газ».

Согласно полученным данным, операция проводится в рамках уголовного дела, связанного с рядом преступных схем, направленных на уклонение от уплаты налогов, а также с отмыванием денег.

Фигурантами дела являются ответственные лица компании «Молдовагаз», передаёт deschide.md.

**Источник: https://news.mail.ru/economics**

# Фаъолият – бидуни

## Гурӯҳи корӣ дар ин самт чиро ошкор кард?

Дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 сентябри соли 2019, №1551 с/х Гурӯҳи кории Кумитаи андоз бо мақсади назорати иҷрои талаботи моддаҳои 19, 22, 23 ва қисми 5-и моддаи 28 Кодекси андоз, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009, №508, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» аз 31 августи соли 2012, №451, инчунин, ҷиҳати дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ ба Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ сафарбар гардид.



### Корҳои анҷомдодаи Гурӯҳи корӣ

Аъзои Гурӯҳи корӣ дар якҷоягӣ бо кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ санҷиши амалиётӣ гузаронида, 58 ҳолати бидуни бақайдгирии давлатӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардидани шахсони воқеиро ошкор карданд. Дар натиҷа, 41 адади онҳо ба қайди давлатӣ гирифта шуданд, ки аз ин 19 нафар соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва 22 нафар соҳибкори дар асоси патент фаъолияткунанда мебошанд.

Ҳамчунин, нисбати 41 адад шахси бидуни бақайдгирии давлатӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда барои риоя накардани талаботи қонунгузорӣ бо дастрасии моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маблағи 77550 сомонӣ ҷарима татбиқ шудааст. Бояд гуфт, ки алҳол пардохти 42600 сомонии он ба буҷети давлатӣ таъмин гардидааст.

Гурӯҳи корӣ, инчунин, дар фаъолияти 57 адад андозсупоранда аз ҳисоби дар эъломияҳои андоз пурра нишон надодани манбаъҳои андозбандӣ, шумораи коргарони кироя ва фонди музди меҳнати ба онҳо пардохтшаванда назорати камералӣ гузаронид. Вобаста ба ин, дар давраи фаъолияти гурӯҳ эъломияҳои иловагии андозсупорандаҳо гирифта, аз ин ҳисоб 416,6 ҳазор сомонӣ рӯёнида, ворида буҷет гардонида шудааст. Барои рӯёнидани маблағҳои ҳисобшуда дар ҳаҷми 106,7 ҳазор сомонӣ чораҳои иловагӣ андешида шуда истодааст.

Зикр бояд кард, ки дар ҷараёни санҷиши амалиётӣ, ҳамчунин, нисбати 6 нафар андозсупоранда, барои риоя накардани тартиби истифодаи мошини назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ, мутобиқи моддаҳои 614 ва 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи умумии 44000 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ гардидааст. Аз ин маблағ 24400 сомониаш ба буҷети давлатӣ таъмин шудааст ва аъзои Гурӯҳи корӣ корро барои рӯёнидану ворид буҷет сохтани бақияи маблағҳо идома медиҳанд.

### Соҳибкории ғайриқонунӣ

Дар рафти санҷишгузаронии Гурӯҳи корӣ муайян шуд, ки шаҳрванд Умедҷон Саидқулзода дар кӯчаи Н.Қарабоеви ноҳияи Фирдавсӣ ду моҳ боз ба фаъолияти ташкили тарабхона (маркази дилхушӣ), бо ҷалби 6 нафар коргари кироя, машғул будааст. Ин аст, ки нисбати У.Саидқулзода барои машғул шудан ба соҳибкории ғайриқонунӣ тибқи талаботи қисми 1-и моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 1650 сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуд. Ҳамзамон, андозҳои иловагӣ ба маблағи 9200 сомонӣ ҳисоб ва вобаста ба ин, эъломияи иловагии андозсупоранда гирифта, номбурда бо ҳуҷҷати соҳибкорӣ таъмин гардид.

Дар ҷараёни амалиётӣ Гурӯҳи корӣ, ҳамчунин, шаҳрванд Мирзоев Абдуқодир Умарович, ки дар кӯчаи Яккачинор - 4/4 панҷ моҳ боз ба омода ва фурӯши таом ва ҷалби 8 нафар коргари кироя бе шартномаи иҷора машғул гардидааст, шаҳрванд Гиёев Эраҷ Давронович, ки ду моҳ боз дар хонаи шаҳрванд Саидакбар Ғафоров, воқеъ дар кӯчаи Яккачинор – 4, ба истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ (профилҳо) машғул будааст, шаҳрвандони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Карим ва Наим, ки дар кӯчаи Яккачинор – 4/4 ба истеҳсоли панҷараҳои оҳанӣ машғул буданду чор моҳ боз се нафар коргари кирояро ҳам ҷалб кардаанд, муайян ва ошкор шуданд. Ногуфта намонад, ки номбурдаҳо ҳама бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғул буданд.

### Қонуншиканиҳо дар фаъолияти шабона

Қайд кардан бамаврид аст, ки Гурӯҳи корӣ ҷиҳати иҷрои пурраи бандҳои Амрномаи Раиси Кумитаи андоз дар як қатор тарабхонаҳое, ки фаъолияташонро шабона ба роҳ монда буданд, санҷиши амалиётӣ доир намуд. Дар натиҷа, дар фаъолияти ин тарабхонаҳо қонуншиканиҳои андозӣ ошкор шуданд.

-Масалан, соҳибкори инфиродӣ Маҷидова Зебониссо Холовна дар кӯчаи Борбад 1-и ноҳияи Фирдавсӣ ба фаъолияти ташкили тарабхона машғул буд, - мегӯяд роҳбари Гурӯҳи корӣ – сардори Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Давлатзода. - Вақте мушоҳида кардем, он ҷо 10 коргари кироя дар хизмати мизоҷон қарор доштанд. Вале соҳибкор бо мақсади кам ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо дар ҳисоботи андозӣ шумораи коргарони кироя дар фаъолияташ ҷалбкардаро 5 нафар нишон додааст. Инчунин, тавре аз таҳлилу омӯзиши ҳисоботи ба мақомоти андоз пешниҳоднамудаи соҳибкор З. Маҷидова бармеояд, ин андозсупоранда даромади умумиашро хеле ночиз нишон дода, аз ин ҳисоб андоз аз низоми содакардашуда ва андози иҷтимоиро кам пардохт намудааст.

Ин аст, ки Гурӯҳи корӣ дар фаъолияти ин соҳибкор назорати камералӣ гузаронида, эҳтимолияти кам ҳисоб намудани андозҳоро ба маблағи 30800 сомонӣ ошкор карданд. Ҳамзамон, пешниҳоди эъломияи иловагии андозҳо ва пардохти пурраи онҳо ба буҷет таъмин гардид. Ҳамчунин, муайян шуд, ки соҳибкор З. Маҷидова объекти ғайриманқулро аз соҳибкор Ҳаловатбону Амирзода ба маблағи 1000 доллари ИМА ба иҷора гирифтааст, аммо дар шартнома оид ба иҷораи молу мулк маблағи иҷораро ҳамагӣ 1000 сомонӣ нишон додааст, ки ин аз маблағи воқеии иҷора 10 маротиба кам мебошад. Дар робита ба ин, аз соҳибкор Ҳ.Амирзода аз ҳисоби кам нишон додани

НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# В 2020 году в Узбекистане повысят налог на прибыль

**В 2020 году в Узбекистане планируют повысить налог на прибыль. Об этом говорится в проекте бюджета для граждан на следующий год.**

Напомним, в сентябре текущего года Шавкат Мирзиёев подписал указ О мерах по дальнейшему совершенствованию налоговой политики Республики Узбекистан. Согласно документу, Кабинету Министров при подготовке проекта государственного бюджета на 2020 год было поручено предусмотреть установление базовой ставки налога на прибыль юридических лиц в размере 15 процентов с сохранением ставки налога на доходы, выплачиваемые в виде дивидендов.

В настоящее время базовая ставка налога на прибыль составляет 12%, со следующего года будет 15%. При этом ставка налога для коммерческих банков мобильных операторов, а также юридических лиц, осуществляющих производство цемента (клинкера) и полиэтиленовых гранул сохранится на уровне 20%.

**Источник: https://news.mail.ru**



# бақайдгирии давлатӣ

маблағи иҷораи молу мулки ғайриманқул эъломияи иловагии андоз ба маблағи умумии 13300 сомонӣ гирифта, маблағи мазкур рӯёнидаю вориди буҷет карда шуд.

Дар рафти гузаронидани санҷишҳои Гурӯҳи корӣ, ҳамчунин, муайян шуд, ки соҳибкори инфиродӣ Нигора Додарҷонова дар кӯчаи Борбад 38-и ноҳияи Фирдавсӣ ба фаъолияти ташкили тарабхона (дар асоси шаҳодатнома) машғул шуда, дар фаъолияташ аз 9 нафар коргари кироя истифода кардааст, вале дар эъломияҳои андоз ҳамагӣ 6 нафар коргари кирояро нишон додааст.

Ба ғайр аз ин, чунонe таҳлили нишондиҳандаҳои эъломияҳои андози низоми содакардашудаи соҳибкори мазкур тибқи махзани маълумоти Кумитаи андоз муайян намуд, номбурда даромади умумии худро дар 8 моҳи соли 2019 дар ҳаҷми ҳамагӣ 167,3 ҳазор сомонӣ нишон додааст. Вале вақте худи соҳибкор баёнот дод, маълум шуд, ки даромади воқеии ӯ 334 ҳазор сомонӣ будааст. Қонуншикании дигари ин соҳибкор низ ошкор шуд. Яъне номбурда дар фаъолияташ фурӯши нӯшокиҳои спиртии бе тамғаҳои аксизиро ба роҳ мондааст. Ҳамин буд, ки нисбаташ бо дастрасии қисми 4-и моддаи 599 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ протокол тартиб дода шуд.

Гурӯҳи корӣ дар фаъолияти соҳибкор Н.Додарҷонова ба маблағи 21,2 ҳазор сомонӣ назорати камералӣ низ гузаронид ва бояд гуфт, ки эъломияи иловагии андозсупоранда ба маблағи мазкур гирифта шуда, 10 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин гардидааст.

Ба ҳамин монанд, дар фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ Моҳнура Раҳимова ба маблағи 8400 сомонӣ ва Зайнура Раҳимова ба маблағи 11 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби кам нишон додани даромади умумӣ, шумораи коргарони кироя, фонди музди меҳнати ба онҳо пардохтшаванда андозҳои иловагӣ ҳисоб карда шудааст.

### Ҳолати насбу истифодаи МНХ-ҳо

Гурӯҳи корӣ ҳолати риояи тартиби истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавиро ҳам дар фаъолияти як қатор андозсупорандаҳо мавриди санҷиш қарор дод. Аз ҷумла фаъолияти ҶДММ «Форел» мавриди санҷиши амалиётӣ қарор гирифт ва маълум шуд, ки мутассаддиёни ҷамъият ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ бо пули нақд бо мизоҷон на ҳама вақт аз МНХ истифода мекарданд. Ҳамчунин, ошкор шуд, ки ин ҷамъият аз ҷониби Кумитаи андоз маҳз барои ҳамин гуна қонуншиканӣ ҷарима шудааст, вале то ҳол маблағи ҷарима пардохт нагардидааст.

Ин буд, ки Гурӯҳи корӣ ҶДММ «Форел»-ро барои такроран содир кардани қонуншиканӣ – истифода накардан аз МНХ тибқи талаботи қисми 2-и моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 9900 сомонӣ ҷарима намуд. Ҷамъияти номбурда маблағи протоколи мазкур ва протоколи қаблиро, ҷамъ ба маблағи 19800 сомонӣ ба буҷет таъмин кард.

Ба ҳамин монанд, қонуншиканиҳои соҳибкори инфиродӣ Х. Одинаев, ки дар кӯчаи Н. Қарабоев 48/1 ба омода ва фурӯши таомҳо машғул будааст, ошкор шуд. Яъне ӯ низ аз МНХ дуруст истифода намекард. Ин буд, ки нисбати соҳибкори номбурда барои дуруст истифода накардан аз МНХ бо дастрасии қисми 2-и моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 9900 сомонӣ протоколи маъмурӣ татбиқ гардид. Ҳамзамон, ба маблағи 10 ҳазор сомонӣ назорати камералӣ гузаронида шуд.

Соҳибкори инфиродӣ Амиров Бобоҷон Амирхонович ҳам, ки дар мағозаи хӯроквории «Суғдиён» ба савдо машғул буд, тавре мушоҳида шуд, аз мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ истифода намекард. Вақте аъзои Гурӯҳи корӣ шарҳи чунин ҳолатро хостанд, мутассаддиёни мағоза аз додани баёнот саркашӣ намуданд. Дар натиҷа, Гурӯҳи корӣ соҳибкори мазкурро бо дастрасии қисми 1-и моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9900 сомонӣ ҷарима баст.



### Натиҷаи корҳои таҳлилию назоратӣ

Аз ҷониби Гурӯҳи корӣ, дар асоси коркарди маълумоти барномаи компютерӣ, фаъолияти соҳибкорон С. Муминов ва И. Қурбонов мавриди санҷиш қарор гирифтанд. Маълум шуд, ки даромади андозбандишавандаи ин соҳибкорон, ки ба фурӯши яклухти масолеҳи сохтмонӣ машғул буданд, аз меъёри муқарраршуда бо соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда (зиёда аз 1 миллион сомонӣ) зиёд мебошад.

Аъзои Гурӯҳи корӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, ба соҳибкорони зикршуда моҳияти талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин самт шарҳ доданд. Дар натиҷа, фаъолияти ин соҳибкорон тибқи тартиби муқарраргардида расман қатъ карда шуд ва тавсия дода шуд, ки онҳо ба шахси ҳуқуқӣ гузаранд.

Тавре натиҷаи корҳои таҳлилию назоратӣ дар фаъолияти ҶДММ «Мадад-2002» нишон медиҳад, ҷамъияти мазкур аз ҳисоби маблағҳои ҳисобшуда дар назди буҷет ба маблағи 200 ҳазор сомонӣ қарздор будааст. Бо таъсиррасонии Гурӯҳи корӣ, алҳол, 80 ҳазор сомонии ин қарз пардохт шудааст.

Пурра нишон надодани манбаъҳои андозбандӣ, албатта, боиси кам ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо хоҳад гардид. Мисоли инро мо дар фаъолияти ҶДММ «Читгар», ки дар қайди Нозироти андозсупорандагони миёна дар шаҳри Истаравшан асту дар кӯчаи Карин Ман – 130-и ноҳияи Фирдавсӣ ба харидуфурӯши масолеҳи сохтмонӣ машғул мебошад, мебинем. Чуноне аз таҳлили фаъолияти ҷамъияти мазкур дар асоси махзани маълумоти Кумитаи андоз бармеояд, андозсупоранда (ҶДММ «Читгар») дар ноҳияи Фирадавсӣ 3 адад нуқтаи фурӯш кушода будааст. Ин ҷамъият даромади умумии худро дар ҳафт моҳи соли 2019 ба маблағи 2,4 млн. сомонӣ нишон дода, ҳамзамон, дар ин давра аз хориҷи кишвар ба маблағи умумии 2,8 млн. сомонӣ молу маҳсулот ворид кардааст. Бақияи молҳои воридотии ҷамъият ба ҳолати 1 январи соли 2019-ум 1,1 миллион сомониро ташкил менамояд.

Бояд қайд намоем, дар вақти азназаргузаронии нуқтаҳои фурӯши ҶДММ «Читгар» дар ноҳияи Фирдавсӣ маълум шуд, ки бақияи молу маҳсулоти ҷамъият, аслан, 7,1 млн. сомониро ташкил медиҳад ва тибқи махзани маълумоти Кумитаи андоз дар ҷамъият ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии муҳосибӣ (эъломияи гумрукӣ, ҳисобнома – фактураҳои ААИ ва борхати мол) доир ба молҳои мазкур мавҷуд набудаанд. Ин буд, ки Гурӯҳи корӣ дар фаъолияти ҷамъияти мазкур ба маблағи 210 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб намуд, ки аз ин ҳисоб, аллакай, 200 ҳазор сомониаш рӯёнида, вориди буҷет карда шудааст.

Дар вақти гузаронидани санҷиши амалиётӣ Гурӯҳи корӣ, ҳамчунин, ошкор сохт, ки шаҳрванд Ким Ольга Федеровна ба харидуфурӯши масолеҳи сохтмонӣ машғул гардидааст, аммо фаъолияти соҳибкории худро бидуни бақайдгирии давлатӣ ба роҳ мондааст. Аз ин рӯ, нисбат ба соҳибкори номбурда, барои машғул гардидан ба соҳибкории ғайриқонунӣ, тибқи муқаррароти қисми 1-и моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайрокунии маъмурӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуд.

Мувофиқи баёноти О. Ким, молҳои мазкур ба номи ҶДММ «Масолеҳ 2017», ки дар қайди Нозироти андозсупорандагони миёна дар шаҳри Истаравшан мебошад, ба расмияти гумрукӣ дароварда шуда будааст, аммо ҳангоми таҳвили онҳо ба шаҳрванд О. Ким аз ҷониби ҷамъият борхати мол ва ҳисобнома – фактураҳои ААИ тартиб дода нашудааст.

Ҳамин тавр, шаҳрванд О. Ким маблағи ҷаримаи маъмуриро пардохт кард ва бо мусоидати Гурӯҳи корӣ ва бо роҳи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ номбурда бо шаҳодатномаи соҳибкорӣ таъмин гардид.

**Мақсуди НЕЪМАТ,**
**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

**При помощи карты приезжий рабочий будет получать патент, регистрироваться на месте работ и платить единый налог.**

# В Петербурге введут карту мигранта, но неизвестно когда

Комитет по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики Санкт-Петербурга подтвердил намерение ввести в городе карту мигранта. Это необходимо, чтобы понять, сколько в городе приезжих рабочих, а также для защиты их прав и пополнения бюджета Северной столицы.

— Очевидно, что часть из них работают в Ленобласти или уезжают в Москву, другие регионы. Часть наоборот приезжает к нам. Мы должны видеть, сколько на территории города трудовых мигрантов, и понимать, чем они занимаются, — заявил в интервью газете «Петербургский дневник» глава комитета Олег Капитанов.

Электронная карта трудового мигранта будет пластиковой со встроенным чипом, фото и отпечатками пальцев. Сопутствовать ей станет база данных. При помощи карты приезжий рабочий будет получать патент, регистрироваться на месте работ и платить единый налог.

А с этим были серьезные проблемы. Трудовые мигранты предпочитали купить «левую» квитанцию об уплате пошлины, нежели разбираться в реквизитах, вбивая



их в банкомате. Из-за этого в городскую казну не поступают миллионы рублей.

Впрочем, пока сроков введения электронной карты мигранта в Смольном не называют.

**Источник: https://news.mail.ru**

# Татбиқи ҷаримаҳои маъмурӣ

**Татбиқи дуруст ва саривақтии муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва риояи Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳамчун омили муҳими ҷорӣ намудани интизоми андоз дар байни андозсупорандагон ба ҳисоб меравад.**

Дар 9 моҳи соли 2019 аз ҷониби мақомоти андоз дар шаҳри Душанбе 3194 адад ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ошкор шуда, нисбати ҳуқуқвайронкунандагон ба маблағи 7,9 млн. сомонӣ ҷарима татбиқ гардидааст. Аз ин ҳисоб ба буҷети ҷумҳуриявӣ беш аз 5,6 млн. сомонӣ ворид шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта маблағи ҷаримаҳои татбиқшуда 976,8 ҳазор сомонӣ ва маблағи ҷаримаҳои воридшуда ба буҷет 426,7 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.



Вобаста ба ин, муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Муҳаммадсаид гуфт, ки Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе дар ин давра нисбати 654 нафар андозсупоранда (аз ҷумла, шахсони воқеӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ) парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз ва нисбати онҳо ба маблағи 4,8 млн. сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ намудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 78 адад ва ба маблағи 1,1 млн. сомонӣ зиёд ва маблағи воридшуда ба буҷет 3,8 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Дар ин давра аз ҷониби Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур нисбати 605 нафар андозсупоранда (аз ҷумла, шахсони воқеӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ) ба маблағи 746,7 ҳазор сомонӣ, Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ нисбати 328 адад андозсупоранда ба маблағи 575,3 ҳазор сомонӣ, Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ нисбати 537 адад андозсупоранда ба маблағи 809,4 ҳазор сомонӣ, Нозироти андоз дар ноҳияи Сино нисбати 798 адад андозсупоранда ба маблағи 876,7 ҳазор сомонӣ маъмурӣ оғоз шуда, ҷаримаи маъмурӣ татбиқ гардидаанд.

Илова бар ин, дар 9 моҳи соли 2019 аз ҷониби Шуъбаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳри Душанбе нисбати 272 адад субъекти хоҷагидор ва шахси ҳуқуқӣ ба маблағи 158,7 ҳазор сомонӣ ҷарима татбиқ гардидааст. Маблағ ба буҷет ворид шудааст.

Чуноне аз назорати рафти татбиқи муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз бармеояд, фаъолияти онҳо дар ин самт ба тавri дахлдор ба роҳ монда нашуда, аз 23 моддаи муқарраргардида марбут ба соҳаи андоз 7 моддаи он, умуман, татбиқ нашудаанд.

Ба гуфтаи Обиди Муҳаммадсаид, ҳолати ба манфиати буҷет ситонидани ҷаримаҳои маъмурии таъингардида ташвишовар ба назар мерасад. Чунки аз 7,9 млн. сомонӣ ҷаримаҳои таъиншуда дар нимсолаи якуми соли 2019 танҳо 5,6 млн. сомонии он ба буҷет ситонида шудааст, ки 70,2 фоизи маблағи умумии ҷаримаҳои таъингардидаро ташкил медиҳад. Ҳолати рӯёнидани маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ дар ин давра аз ҷониби Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе 80 фоиз, нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои Шоҳмансур 54 фоиз, Исмоили Сомонӣ 52 фоиз, Фирдавсӣ 59 фоиз, Сино 48,5 фоиз ва Шуъбаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳри Душанбе 100 фоизро ташкил медиҳад.

Бақияи ҷаримаҳои маъмурии соли 2018 ба ҳолати 1 январи соли 2019 – ум 2,5 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки аз ин маблағ дар нуҳ моҳи соли 2019 ба буҷет, дар маҷмӯъ, 2,3 млн. сомонӣ ворид шуда, он 92,0 фоизро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе 1,9 млн. сомонӣ (бо дарназардошти солҳои 2016-2017-ум 192 фоиз), нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои Шоҳмансур 150,7 ҳазор сомонӣ (48,7 фоиз), Исмоили Сомонӣ 65,4 ҳазор сомонӣ (20,6 фоиз), Фирдавсӣ 116,4 ҳазор сомонӣ (25,2 фоиз) ва Сино 84,5 ҳазор сомонӣ (18,4 фоиз) бақияҳои ҷаримаҳои маъмуриро ба буҷет ворид намудаанд.

Дар ин давра, ҷиҳати боз ҳам кам кардани маблағи бақияи ҷаримаҳои маъмурӣ кормандони Бахши таъмини ҳуқуқи Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе дар якҷоягӣ бо шахсони масъули нозиротҳои андози ноҳияҳои шаҳри Душанбе иловатан кор бурда, ба ҳуқуқвайронкунандагоне, ки нисбаташон ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ гардидаасту то ҳол маблағи он ба буҷет пардохт нашудааст, ба маблағи умумии 1,2 млн. сомонӣ 373 адад огоҳинома ирсол кардаанд, ки аз ин ба андозаи 220,6 ҳазор сомонӣ ба буҷети давлатӣ ворид шудааст.

Ғайр аз ин, аз ҷониби мақомоти андози шаҳри Душанбе ба мақомоти Судӣ 52 мавод оид ба рӯёнидани маблағи андоз аз амволи ғайриманқул ба маблағи 18,1 ҳазор сомонӣ барои чораҷӯӣ ҷиҳати рӯёнидани маблағ ба буҷет ирсол гардидааст.

- Дар баробари натиҷаҳои дар нуҳ моҳи соли 2019 бадастомада, - мегӯяд Обиди Муҳаммадсаид, - дар самти татбиқ намудани муқаррароти моддаҳои дахлдори Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, риояи ҳатмии меъёрҳои Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва рӯёнидани маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ мушкилиҳо низ ҷой доранд. - Бинобар ин, Бахши таъмини ҳуқуқии Раёсати андоз дар шаҳри Душанберо зарур аст, ки дар якҷоягӣ бо нозиротҳои андози ноҳияҳои шаҳри Душанбе камбудиҳоро ислоҳ намоянд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**



# Санҷиши амалиётӣ дар роҳ

Ҳамасола дар асоси Фармоиши муштараки Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 1-уми сентябри соли 2014 бо мақсади назорати иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012 таҳти №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродӣ, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд», инчунин санҷиши дурустии ҳисоб ва пардохти андоз аз воситаҳои нақлиёт, ҳолати бақайдгирӣ ва андозбандии иҷрои воситаҳои нақлиёт ва дар муҳлатҳои муқарраргардида аз муоинаи ҳатмии давлатии техникӣ гузаштани воситаҳои нақлиёт санҷиши амалиётӣ сурат мегирад. Ҳамзамон дар рафти гузаронидани санҷиши амалиётӣ Гурӯҳи корӣ вобаста ба баҳисобгирии муҳосиботӣ, борхати молу маҳсулот, ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва дигар ҳуҷҷатҳои ба андозбандӣ алоқамандро мавриди назар қарор дода истодааст.

Натиҷаи санҷиши амалиётии Гурӯҳи корӣ дар яке аз калонтарин муассисаҳои мусофиркашонии вилояти Суғд - ҶСК «Сорбон» нишон дод, ки аз ҷониби роҳбарияти он ба масъалаҳои вобаста ба андоз диққати ҷиддӣ дода мешавад. Бино ба гуфти директори генералии ҶСК «Сорбон» Абдуаҳад Шарипов ҷамъияти мазкур бо соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, ки ҳуҷҷати тасдиқкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ-патент надоранд, шартномаи ҳамкорӣ намебандад ва роҳхат ҳам намедиҳад. Айни ҳол хамъият бо 350 нафар ронандаи нақлиёти автомобилии мусофиркашонии беш аз 30 хатсайри шаҳрӣ ва наздишаҳрӣ шартномаи ҳамкорӣ дорад, ки ҳамаи онҳо барои пешбурди фаъолияти соҳибкории хеш дорои патент мебошанд.

Рафти санҷиши амалиётӣ ошкор намуд, ки мутаассифона, ҳастанд соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, ки талаботи Кодекси андоз, қарори марбутаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя накарда, ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғуланд. Чи тавре ки роҳбари Гурӯҳи кории санҷиши амалиётӣ - мутахассиси пешбари гурӯҳи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андозии шуъбаи санҷиши андозҳои Раёсати андози вилояти Суғд Абдурақиб Ҷаъфаров мегӯяд, то ин дам дар ҷараёни санҷиши амалиётӣ нисбати соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, ки ба қонунвайронкунии андоз роҳ додаанд, мутобиқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 50 адад протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудаанд.

Санҷиши амалиётӣ ҷиҳати ба андозбандӣ ҷалб намудани соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, то ба ҳол дар шаҳрҳои Хуҷанд, Бӯстон, Гулистон ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров доир гардида, минбаъд дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят идома меёбад.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

**12 - уми ноябри соли равон дар Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе бо иштироки муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Муҳаммадсаид ва роҳбарону сармуҳосибони ширкатҳое, ки ронандагонро тариқи патент ба кор ҷалб намуда, ба кашонидани мусофирон машғуланд, семинар - машварат баргузор гардид.**





# Муаммо дар ширкатҳои мусофиркашон

## ё Чаро ронандаҳо маблағи патенти худро пардохт намекунанд?

О. Муҳаммадсаид ҳадафи семинар-машавaратро, пеш аз ҳама, идомаи корҳои фаҳмондадиҳии мақомоти андоз дар самти маъмурикунонии андоз маънидод намуда, қайд кард, ки ҳанӯз 6-уми июли соли 2019 Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе ба тамоми ширкатҳое, ки бо ҷалби ронандагон ба хизматрасонии мусофиркашонӣ машғуланд, оид ба бақияи қарзи патенти ронандагон ва ҳалли масъалаи ҷойдошта мактуби расмӣ ирсол намуда буд. Вале бо гузашти зиёда аз се моҳ вазъ тағйир наёфт ва имрӯз мақомоти андоз тасмим гирифт, ки бори дигар ба роҳбарон ва сармуҳосибони ширкатҳо ҳадафи мактуби расмиро фаҳмонда, мушкилиҳои дар ин самт ҷойдоштаро дар якҷоягӣ мавриди баррасӣ қарор диҳанд.

Номбурда бо такя ба моддаи 25 Кодекси андоз ва банди 1 моддаи 23 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуд, ки иштироки якҷояи қасдонаи ду ё зиёда шахсони воқеӣ ё мансабдор дар содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурии шарикӣ эътироф мешавад. Ташкилкунанда ва ёрдамчӣ дар баробари иҷрокунанда шарикони ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ эътироф мешаванд. Иҷрокунанда шахсе эътироф мешавад, ки бевосита ҳуқуқвайронкунии маъмуриро содир намудааст ё якҷоя бо шахсони дигар (ҳамиҷрокунандагон) бевосита дар содир намудани он иштирок кардааст.

Тавре гуфта шуд, бо вуҷуди он ки ронандагон тариқи патент фаъолият мекунанд, вале бо ширкатҳои ба хизматрасонии мусофиркашонӣ машғул, шартномаи муштарак доранд. Бояд гуфт, ки ин ширкатҳо ҳамчун шарик ё ёрдамчӣ ба ҳисоб меравand ва тибқи Кодекси мазкур онҳо низ дар кирдори ронандагон ҳамчун ҷавобгар ба ҳисоб мераванд.

Обиди Муҳаммадсаид илова намуд, ки ширкатҳое, ки ба хизматрасонии мусофиркашонӣ машғуланд, то замоне ронанда фаъолияташро расман дар мақомоти андоз қатъ накунаду ҳамчун далел маълумотнома ва ё санади муқоисавиро барои надоштани бақияи қарзи андоз пешниҳод накунад, онҳо шартномаи муштараки ҳамкориро бо соҳибкор бояд қатъ накунанд. Чунки ҳолатҳо нишон медиҳанд, ки баъзе ронандагон фаъолияти худро тибқи патент қатъ накарда, бо корфармо шартномаро қатъ мекунанд. Корфармо низ барои қатъи шартнома ба мақомоти андоз муроҷиат намекунад. Дар натиҷа вақте ронанда ба дигар ширкат барои кор мегузарад, бақияпулиҳои пардохтнашуда моҳ ба моҳ зиёд шуда, дар натиҷа, соҳибкор бо ҳар роҳу воиста аз пардохти он саркашӣ мекунад.

Дар идома номгӯи ширкатҳои хизматрасонии мусофиркашро, ки ронандагон тариқи шартнома бо онҳо фаъолият менамоянду бақияи қарзи андоз доранд, таъкид шуд. Аз ҷумла, дар ҶСК «Автотранссентр» 136 ронанда ба маблағи 170355 сомонӣ, дар ККВД «Автобус 2» 27 ронанда ба маблағи 60888 сомонӣ, дар ҶДММ «Ният» 20 ронанда ба маблағи 37299 сомонӣ, дар ҶСК «Корпаратсияи Мусофирбар» 19 ронанда ба маблағи 35212 сомонӣ, дар ҶСП «Холдинг Осиё гурӯҳ» 90 ронанда ба маблағи 74912 сомонӣ, дар ҶДММ «Талко Персия» (ҶДММ Сайёҳон, ҶДММ Сафар ориён) 885 ронанда ба маблағи 539670 сомонӣ, дар ҶДММ «ЛТД Мусофирбар» 138 ронанда ба маблағи 164289 сомонӣ, дар ҶДММ «Беҳруз 15» 185 ронанда ба маблағи 406668 сомонӣ, дар ҶДММ «Корвонсарой» 66 ронанда ба маблағи 92901 сомонӣ, дар ҶДММ «Муҳаммадҷон» 87 ронанда ба маблағи 187189 сомонӣ, дар ҶСШК «Нақлиёт» 157 ронанда ба маблағи 223987 сомонӣ, дар ҶДММ «Нақлиётгаз» 20 ронанда ба маблағи 19957 сомонӣ, дар ҶДММ «Сорбон 14» 146 ронанда ба маблағи 57988 сомонӣ, дар ҶДММ «Олуча» 239 ронанда ба маблағи 195150 сомонӣ, дар ҶДММ «Автотранс» 28 ронанда ба маблағи 76504 сомонӣ, дар ҶДММ «Роҳнамо» 7 ронанда ба маблағи 5079 сомонӣ, дар ҶСШК «Икарус» 11 ронанда ба маблағи 17936 сомонӣ, дар ҶСК «Автокалонаи 2927» 555 ронанда ба маблағи 1223011 сомонӣ, дар ҶСШК «Сайёр 1» 50 ронанда ба маблағи 63382 сомонӣ, дар ККВД «Автобус 3» 9 ронанда ба маблағи 51819 сомонӣ, дар ҶДММ «Маҳин» 39 ронанда ба маблағи 50208 сомонӣ ва дар ҶДММ «Маром» 30 ронанда ба маблағи 15462 сомонӣ бақияи қарзи андоз доранд.



Аз роҳбарон ва намояндагони ширкатҳо талаб карда шуд, ки мушкилиҳои ҷойдоштаро бартараф кунанд, чунки ба қарзҳои мазкур пеня (фоиз) зам мешавад. Бештари намояндагони ширкатҳо аз он изҳори нигаронӣ намуданд, ки бештари ронандаҳои қарздор дигар дар ширкати онҳо кор намекунанд ва шартномаашонро қатъ намудаанд. Вале худи ширкатҳо, ки барои қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо ронанда ба мақомоти андоз муроҷиат накардаанд, мушкил то ба ҳол боқӣ мондааст. Такроран таъкид шуд, ки ширкатҳо бо мақсади пешгирӣ намудани зиёдшавии бақияпулиҳо ва ба роҳ мондани таъмини пардохти қарзҳо бояд пеш аз қатъ намудани шартнома аз ронандагон санади муқоисавӣ оид ба қарздор набудан аз буҷети давлатирӣ талаб намуда, баъдан шартномаи худро қатъ намоянд.

Дар идома бо такя ба банди 5 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд», қайд шуд, ки маъмурияти бозорҳо, марказҳои савдо, инчунин, ташкилотҳои ба фаъолияти хизматрасонии нақлиётӣ машғулбуда, ки бо субъектҳои соҳибкорӣ шартномаи иҷора ва (ё) шартнома оид ба гирифтани роҳхат ба хатсайрҳоро ба имзо мерасонанд, уҳдадор мебошанд, ки ҳар семоҳа ба мақомоти андози маҳалли қайди худ оид ба чунин субъектҳо, масоҳати фаъолият бо нишондоди раста ва ҷойи фаъолият ба таври электронӣ маълумотро пешниҳод намоянд. Кор дар ин самт низ ғайриқаноатбахш аст. Аз ин рӯ, таъкид гардид, ки маъмурияти ширкатҳоро зарур аст, ки оид ба миқдори ронандаҳо ва фонди музди меҳнат ва дигар масъалаҳои вобаста ба андозбандиро ҳар семоҳа ба таври электронӣ ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд.

Ҳамчунин, аз бақияи қарзи андози ширкатҳои мусофиркашонӣ низ сухан рафт. Аз ҷумла қайд гардид, ки ҶСКШ «Икарус», ҶСК «Нақлиёт» ҶДММ «Корвонсарой» ҶДММ «Нақлиётгаз» ҶДММ «Маҳин», ҶДММ «Маром» ҶДММ «Олуча», ҶДММ «ЛТД Мусофирбар» ва ҶДММ «Талко Пресия» аз пардохти андозҳо қарздоранд. Онҳоро мебояд ҳарчи зудтар бақияи қарзи андозро пардохт намоянд. Ҳамчунин, ширкатҳои мазкур, чуноне маълум шуд, дар як соли охир дар эъломияҳои андозӣ фонди музди меҳнат ва даромадашонро кам нишон додаанд. Ин дар ҳолест, ки тибқи Барномаи рушди миёнамуҳлати шаҳри Душанбе барои соли 2019 бояд дар шаҳр ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шавад.

Қайд гардид, ки мақомоти андоз омодааст бо андозсупорандагон, аз ҷумла ширкатҳое, ки ба хизматрасонии мусофиркашонӣ машғуланд, ҳамкории зич намуда, ҳар нофаҳмие, ки дар масъалаи андоз ва андозбандӣ пайдо мешавад, дар асоси қонунгузории андоз ҳаллу фасл намояд.

Дар охир, байни роҳбарону сармуҳосибони ширкатҳо ва кормандони мақомоти андоз мубодилаи афкор сурат гирифт.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!




Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» дар фазои иттилоотии мамлакат ягона рӯзномаи соҳавиест, ки дар он дар бораи масъалаҳои андозу андозбандӣ, низому меъёрҳои андозҳо, имтиёзот ва сабукиҳои андозӣ, хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон, рушди фаъолияти соҳибкорӣ, андоз дар хориҷа ва дигар мавзӯъҳое, ки ба муносибатҳои андозӣ дахл доранд, нашр мешаванд.

Шумо ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ» обуна шуда, метавонед аз ҷониби мутахассисони соҳибкасб ба ҳамаи саволҳои худ доир ба қонунгузории андоз, маъмурикунонии андоз ва ҳуқуқу уҳдадориҳои андозсупоранда ҷавоби мушаххас ва асоснок дарёфт намоед.

Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» ва мутахассисони Кумитаи андоз кӯшиш менамоянд, ки маводи рӯзнома ҷолибтар ва барои такмили дониши андозию иқтисодӣ ва ҳалли мушкилоти шумо боз ҳам муфидтар бошанд.




Рӯзномаи «Боҷу хироҷ»


# Омӯзиш баҳри рушд





**15 ноябри соли 2019 дар Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат бо иштироки сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумахон Нурзода, сардорони шуъбаҳои раёсатҳои Кумитаи андоз, роҳбарияти донишкада, аспирантон, магистрантон ва донишҷӯён семинар-машварати омӯзишӣ баргузор гардид.**

Муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат Исломбек Хоркашов семинар-машваратро ифтитоҳ кард.

Дар семинар-машварат оид ба муқаррарот ва моҳияти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи андоз, хизматрасониҳои мақомоти андоз, моҳияти корҳои назоратӣ, масъалаҳои алоқаманд ба бақайдгирӣ ва қатъи фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин, дигар масъалаҳои алоқаманд ба фаъолияти мақомоти андоз сухан рафт. Ҳамчунин, инъикоси мавзӯъҳои зикршуда тариқи слайд ба иштирокдорон пешниҳод гардид.

Баъдан, сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андоз Ҷумахон Нурзода суханронӣ намуда, аз ҷумла қайд кард, ки мақсад аз гузаронидани семинар-машварти мазкур, пеш аз ҳама, фаҳмонидани муқаррароти қонунгузоии андоз ва имтиёзу сабукиҳои пешниҳодшуда ба субъектҳои соҳибкорӣ мебошад.

Номбурда оид ба такмили қонунгузории андоз, аз ҷумла дархосту пешниҳодҳо оид ба қабули Кодекси андоз дар таҳрири нав ва дастгирии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар изҳори андеша намуд. Махсусан, вобаста ба низоми андози соҳаи маориф қайд кард, ки бо мақсади дастгирӣ намудани соҳаи мазкур меъёри пасткардашудаи (5 - фоизаи) андоз аз арзиши иловашуда муқаррар шудааст, ки нисбат ба меъёри стандартии (18 - фоизаи) андоз аз арзиши иловашуда 13 фоиз кам мебошад.

Дар ҷаласа сардори шуъбаи рушди маъмурикунонии андози Кумитаи андоз Собир Вазиров оид ба низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди маъмурикунонии андоз ва бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ маълумоти муфассал дод. Мавсуф гуфт, ки мувофиқи моддаи 6 Кодекси андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 намуди андоз, аз ҷумла 8 намуди андози умумидавлатӣ ва 2 намуди андозҳои маҳаллӣ муқаррар шудааст. Номбурда ёдовар шуд, ки дар фасли XVI Кодекси андоз низомҳои махсуси андозбандӣ муқаррар шудаанд, ки тибқи онҳо категорияҳои алоҳидаи андозсупорандагон уҳдадоранд баъзе андозҳои умумидавлатӣ ва маҳаллиро тибқи тартиби содакардашуда супоранд.

Дар робита ба бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ С. Вазиров изҳор дошт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз ҷониби мақомоти андоз аз рӯи принсипи “Равзанаи ягона” анҷом дода мешавад.

Тартиби нави бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ нисбат ба тартибе, ки қаблан амал мекард, бартарияти зиёд дорад: муҳлати бақайдгирӣ ба туфайли истифода аз барномаҳои махсуси компютерӣ, ташкили махзани ягонаи маълумот, бунёди шабакаи электронии табодули маълумот миёни Кумитаи андоз бо мақомоти ҳудудӣ ва мақомоти омору ҳифзи иҷтимоӣ, аз 49 рӯз то ба 5 рӯз (барои бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ) ва 3 рӯз (барои филиал ва намояндагиҳои шахси ҳуқуқии хориҷӣ ва соҳибкорони инфиродӣ) кам карда шуд.

Собир Вазиров вобаста ба рушди маъмурикунонии андоз зикр намуд, ки солҳои охир мақомоти андоз кӯшиш намуда истодааст, ки аз технологияи иттилоотӣ ва барномаҳои компютерӣ бештар истифода карда, тамоми хизматрасониҳои худро дар шакли электронӣ, бе ҳозир шудани андозсупоранда ба мақомоти андоз, ба роҳ монанд ва корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳиро зиёд намоянд.

Дар охир иштирокдорон – донишҷӯён, магистрантон ва аспирантони донишкадаи мазкур оид ба мавзӯъҳои баррасишуда суолҳо пешниҳод карда, аз мутахассисони мақомоти андоз посуххҳои мушаххас гирифтанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Иқдоми нек

**Чанде пеш дар бинои Нозироти андоз дар ноҳияи Спитамени вилояти Суғд хазинаи қабули маблағҳои андоз мансуб ба Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ифтитоҳ ёфт.**

- Мақсад аз ташкили ин нуқтаи хизматрсонї, - таъкид дошт сардори нозироти андози ноҳия Саидислом Амирзода, - осон намудани пардохти маблағи андозҳо ва аз байн бурдани мушкилоти андозсупорандагон мебошад. Зеро қаблан андозсупорандагон барои супоридани маблағи андозҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва гирифтани расид ба нуқтаи қабули маблағҳои «Амонатбонк», ки дар маркази ноҳия, дуртар аз бинои нозироти андоз ҷойгир аст, мерафтанд. Ҳамзамон, барои рафтуомад маблағ ва ҳам вақти худро сарф мекарданд. Акнун, андозсупорандагон имкон доранд маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро дар ҳамин хазина пардохт намоянд. Инчунин, андозсупорандагоне, ки барои пешниҳоди ҳисоботи андоз аз терминали хизматрасонии электронӣ истифода мекунанд, минбаъд маблағҳои андозро ба нуктаи қабули «Амонатбонк», ки дар шафати ҳамин терминал ҷойгир аст, пардохт менамоянд.

Тасмим гирифта шудааст, ки дар оянда ҳамин гуна хазинаҳои қабули маблағҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмии Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар ҷамоатҳои дурдасти ноҳияи Спитамен, ки баъзе аз онҳо аз маркази ноҳия то 30 киллометр дур ҳастанд, ташкил карда шаванд.

- Ба хазинаи навтаъсиси қабули маблағҳои «Амонатбонк», ки дар бинои Нозироти андози ноҳияи Спитамен ба фаъолият шурӯъ кардааст, дар як рӯз аз 100 то 350 ҳазор сомонӣ маблағҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмии шаҳрвандон ворид мегардад, - зикр дошт нозири хазинадор Умидҷон Юсупов.

**Тоҳирҷон Шарифӣ,**
**вилояти Суғд**

## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сарфаи вақти корӣ ва бе ҳозир шудан ба нуқтаҳои хизматрасонии “Амонатбонк” қабули андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеиро дар шакли ғайринақдӣ тавассути POS – терминалҳо ба роҳ мондааст.

Хотиррасон мешавем, ки ҳангоми пардохт намудани маблағи андозҳо шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо чиптаҳои пардохт таъмин ва ҳамзамон маблағҳои пардохтшуда ба таври автоматӣ дар ҳисобварақаи онҳо сабт мегардад.

Аз ин лиҳоз, шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо истифода аз тартиби мазкур, метавонанд андозҳо аз молу мулки ғайриманқули худро минбаъд дар шакли ғайринақдӣ дар нозиротҳои андози маҳалли қайди худ бо истифода аз кортҳои бонкӣ пардохт намоянд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Дар шароити ҳассоси замони муосир ҳадаф ва вазифаи асосии давлат, таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва тадриҷан баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ тавассути амалӣ кардани ислоҳоти низоми идораи давлатӣ, таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти он, фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди саҳибкорӣ, ҷалби сармоя ва воридоти технологияҳои пешрафта ва дар ин замина ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ мебошад.**

# Афзалиятҳо ба рушди соҳаи хизматрасонӣ

Шароити иқтисоди бозаргонӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият фароҳам овард, ки ҳама соҳаҳои иқтисодии мамлакатро ба пешравӣ ва рушд сафарбар намуда, ба рушди иқтисоди миллӣ мусоидат намояд. Яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёт ин соҳаи хизматрасонӣ буда, пешравии он асоси пешрафти иктисодиёти давлат ба ҳисоб меравад. Рушди соҳаи мазкур ба ташкили корхонаҳои хурду миёна, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, истеҳсоли молу маҳсулоти нав ва дар маҷмӯъ, ба пешравии иқтисодиёти мамлакат саҳми беандоза мегузорад.

Соҳаи хизматрасонӣ, аз тарафи дигар, функсияи ҷалбсозии захираҳои меҳнатии аз соҳаҳои дигари иқтисодиёти миллӣ озодшударо иҷро намуда, барои тавозуни ҷойҳои корӣ ва захираҳои меҳнатӣ мусоидат менамояд. Ин раванд ба ҷумҳурии мо низ хос аст.

Дар соҳаи хизматрасонӣ самтҳои афзалиятнок, ки дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон пешниҳод мегарданд, ин хизматрасониҳои молиявӣ, хизматрасониҳои нақлиётӣ, хизматрасониҳои алоқа, хизматрасониҳои маишӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ (таъминоти барқ, об, партовҳо) ба ҳисоб меравад.

Ин самтҳо, тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ афзалиятҳои бештар доранд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ чорабиниҳои назаррасро роҳандозӣ менамояд, ки тавассути он аҳолӣ метавонад барои беҳтар намудани зиндагии худ аз имтиёзҳо васеъ истифода баранд. Тибқи барномаву стратегияҳо, лоиҳаҳои дастгирии табақаи миёнаи аҳолӣ, як қатор хизматрасониҳои имтиёзнок пешниҳод гардидааст, ки бо истифода аз ин намуди хизматрасониҳо метавон сатҳи зиндагии ҳар як оиларо беҳтар кард.

Дар тамоми давлатҳои тараққикарда ва рӯ ба тараққӣ аҳолӣ бештар аз хизматрасониҳои молиявӣ истифода мекунад. Солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои аҳолии худ ин намуди хизматрасониро бо имтиёзҳо



пешниҳод намуда истодааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар самти ноил шудан ба ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 пешбинигардида равона карда, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумро тавассути ҳалли масъалаҳои пешрафти устувори иҷтимоиву иқтисодӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, тавсеаи имкониятҳои содиротии мамлакат, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва беҳбуди вазъи бозори меҳнат ҳадафи олии худ эълон намудааст.

Самтҳои афзалиятноки соҳаи хизматрасонӣ метавонад дар таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойи кору маоши хуб, пешниҳоди молу хизматрасонӣ, сарфаи вақт ва дар ин замина беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум саҳми беандоза гузорад. Пешниҳоди хизматрасониҳо метавонад аз ҷониби давлат ва ширкатҳои хусусӣ (ғайридавлатӣ) амалӣ гардад. Таҳлилу тадқиқот нишон медиҳанд, ки дар ҷумҳурии мо низ аҳолӣ аз ин самтҳои афзалиятноки хизматрасонӣ васеъ истифода менамояд.

Тавре аз таҳлилҳо бармеояд, хизматрасониҳои молиявӣ ба аҳолӣ дар соли 2017 нисбат ба соли 2013 аз ҷониби давлат коҳиш ёфта, хизматрасонии ширкатҳои хусусӣ (ғайридавлатӣ) ду баробар зиёд гардидааст. Яъне дигаргуниҳои хизматрасониҳои ғайридавлатии алоқа 7 баробар, маишӣ 1 баробар, манзилӣ-коммуналӣ 3,5 баробар ва дигар хизматрасониҳо 3 баробар афзудааст. Тибқи маълумоти оморӣ «танҳо дар 11 моҳи соли 2018 аз ҷониби низоми бонкӣ ба соҳибкорон ва аҳолӣ ба маблағи 7 миллиарду 250 миллион сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2017-ум 201 миллион сомонӣ ё 3 фоиз зиёд мебошад.

Бояд гуфт, ки иқтисоди бозаргонӣ ва сиёсати дарҳои кушод имконият медиҳад, ки самтҳои асосии ҳавасмандгардонии хизматрасониҳо дар иқтисоди миллӣ рушд намуда, барои дар оянда ба як роҳи асосии беҳтарнамоии сатҳи сифати зиндагии аҳолӣ табдил ёбад.

Умуман, мо метавонем ба воситаи соҳаи хизматрасонӣ барои беҳтар намудани зиндагии мардум роҳу усули баландбардории нави сатҳи иқтисодиёт ва иҷтимоиётро барои аҳолӣ пайдо намоем. Рушди соҳаи мазкур имконият медиҳад, ки табақаи миёнаи аҳолӣ аз самтҳои афзалиятноки соҳаи хизматрасонӣ истифода карда, дар ташкили фаъолияти соҳибкорӣ, дар ин замина таъмин намудан бо ҷои кори доимӣ ва мувақкатӣ барои табақаи миёнаи аҳолӣ, инчунин, пешниҳоди молу хизмати ватанӣ бо нархи дастрас ба аҳолиро фароҳам оварад. Вобаста ба ин чанд пешниҳод дорам:

- Истифодаи молу хизматрасонӣ ба таври электронӣ ба мардум пешниҳод гардида, сифат ва суръати хизматрасониҳо дар сатҳи баланд ба роҳ монда шавад.
- Фароҳам овардани шароити муносиб барои фазои иттилоотӣ, ки мардум тавонад бемамоният молу хизматрасонии лозимаро дархост намояд.
- Корҳои ташвиқотию тарғиботӣ дар шакли электронӣ аз тарафи шабакаҳои хизматрасонӣ хуб ба роҳ монда шавад.

**Амрулло НУРАЛИЗОДА**
**муовини ректори ДДМИТ**

# Самаранокии корҳои фаҳмондадиҳӣ

**Ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон, аз ҷумла гузаронидани семинар-машварату вохӯриҳо ва таҳияи намоишҳо аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, бо иштироки кормандони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе дар ҶДММ "Бозори Меҳргон" семинар-машварат баргузор гардид.**

Дар семинар-машварат сармутахассиси шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе И. Муродҳусейнов аз хусуси қоидаҳои фаъолияти соҳибкорӣ, гузаштан аз бақайдгирии давлатӣ ва тартиби андозбандии соҳибкорони инфиродӣ ҳарф зад.

Номбурда таъкид кард, ки соҳибкорон бояд фаъолияташонро дар асоси моддаҳои 283-289 Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012 таҳти №451 "Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд" ба роҳ монанд. Ӯ афзуд, ки низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро тибқи патент амалӣ менамоянд, низоми махсуси андозбандӣ буда, дар асоси он соҳибони патент уҳдадоранд андозҳои муқаррарнамударо ба андозаи устувор, новобаста аз даромади бадастоварда, пардохт намоянд.

Патент ҳуҷҷати номӣ буда, аз даромади дар амал бадастовардаи соҳибкори инфиродӣ вобаста намебошад, яъне новобаста аз он ки соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда даромад мегирад ё намегирад, то он лаҳзае, ки фаъолияташ тибқи қонунгузорӣ қатъ гардонида нашудааст, ҳамчун соҳибкоре, ки фаъолияти худро давом медиҳад ва дар назди буҷет уҳдадориҳои андоз дорад, эътироф карда мешавад. Дорандагони патент тибқи қонунгузории андоз барои пешбурди ҳисоби муҳосибӣ, мавриди истифода қарор додани мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ ва пешниҳод намудани эъломияҳои андоз ба мақомоти андоз уҳдадор намебошанд. Инчунин, соҳибкорони инфиродие, ки маблағи патентро барои 3 моҳи тақвимии минбаъда пешпардохт менамоянд, маблағи умумии пардохт барои патент ба андозаи 10 фоиз кам карда мешавад.

Дар баробари ин, қайд гардид, ки аз моҳи декабри соли 2017 дар Бахши иттилоотии Кумитаи андоз Системаи мултимедияи "Контакт-сентр" – Avaya" мавриди истифода қарор гирифтааст, ки дорои имкониятҳои бақайдгирӣ, сабт ва нигоҳдории тамоми гуфтаҳои телефонӣ ва таъмини дар навбат нигоҳ доштани занги муроҷиаткунандагон, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба онҳо ва бештар намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ нигаронида шудааст.

Сармутахассиси шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Ҷ. Зокирзода низ дар семинар-машварат суханронӣ намуд. Мавсуф қайд кард, ки ҷиҳати баланд бардоштани тафаккури андозсупорандагон дар муносибатҳои андозӣ, дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳои мақомоти андоз бо андозсупорандагон ва маҳдуд намудани омилҳои номатлуб дар рафти хизматрасониҳо, дар асоси муроҷиати чандинкаратаи андозсупорандагон нисбат ба кормандони гурӯҳи хизматрасонии соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда, дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 24.07.2019 таҳти №353 гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунанда ихтисор шуданд, ки минбаъд соҳибкорон мустақилона дар муҳлатҳои муқарраршуда, ҳар моҳ то санаи 5-ум андозҳоро пардохт менамоянд. Инчунин, ба маълумоти андозсупорандагон расонида шуд, ки ҳангоми хариду фурӯши маҳсулот ва барои пешниҳод кардани ҳуҷҷати расмӣ оид ба фаъолияти соҳибкорӣ нусхаи патент ё шаҳодатнома ҳамчунин маблағи фурӯхташударо бо ҳуҷҷат (борхат) ҳатман тасдиқ карда, ба харидор пешниҳод намоянд.

Ҷ. Зокирзода, ҳамзамон таъкид кард, ки масъулони бозорҳо ва марказҳои калони савдо, ки бо субъектҳои соҳибкорӣ шартномаи иҷора ба имзо мерасонанд, уҳдадор мебошанд, ки ҳар семоҳа ба мақомоти андози маҳалли қайди худ оид ба чунин субъектҳо, масоҳати фаъолият, бо нишондоди раста ва ҷои фаъолият, ба таври электронӣ маълумот пешниҳод намоянд. Дар сурати бе қайд дар мақомоти андоз бо соҳибкорон бастани шартнома аз тарафи бозорҳо ё марказҳои савдо мутобиқи моддаи 23 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон шарикӣ дар ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳисобида шуда, роҳбарон ва шахсони масъул ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд.

Ҳамзамон, дар ҳудуди бозорҳои шаҳри Душанбе ба соҳибкорон рӯзномаи "Боҷу хироҷ" ва буклетҳо ройгон тақсим карда шуд.

**Неъматулло ЗОИРЗОДА**

# Ҷавононро дар рӯҳияи худшиносиву худогоҳӣ бояд тарбия кард

Имрӯз як қатор гурӯҳҳои ифротгарову террористӣ бо истифода аз номи дини ислом ба ҳар гуна амалҳои зишт даст мезананд, ки ба паҳншавии афкори исломситезӣ ва бадбинии мусулмонон оварда мерасонад. Аз амалҳои даҳшатноки онҳо дар минтақаҳои гуногуни олам миллионҳо нафар гирифтори ранҷу азоб шуда, кишварҳои зиёде хароб шудаанд ва садҳо ҳазор аҳолии осоишта ба ҳалокат расидаю миллионҳо нафар хонабардӯш гаштаанд.

Бешубҳа, дар поёни асри 20 ва ибтидои асри 21 ҷомеаи ҷаҳонӣ шоҳиди зуҳури ҳизбу ҳаракат ва гурӯҳу ҷараёнҳое шуд, ки талош доранд, асосан, бо истифода аз эътиқодоти диниву мазҳабӣ афкори мардумро ба сӯи худ ҷалб созанд. Ин гурӯҳҳои радикалӣ бо низоми дунявият, ки кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон мутеи онанд, ҳамеша дар ҳоли ихтилоф қарор дошта, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки арзишҳои дунявиро дар зеҳну шуури мардум камранг созанд.

Ҳамагон шоҳидем, ки сол аз сол дар ҷаҳони пуртазод баҳсу талошҳои идеологӣ марҳала ба марҳала вусъат меёбанд. Аз ин рӯ, ҳар як миллату давлат барои ҳифзи манфиатҳои миллии худ талош меварзад.

Дар ин замина, Тоҷикистон низ барои пойдории фарҳанг ва ҳифзи арзишҳои миллӣ саъй менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад, барои ҳар инсон шароити зиндагии мусоиду арзанда фароҳам овардааст. Ин матлаб дар оғози матни Конститутсияи кишвар дарҷ гардида, асоси идеалогияи давлати миллии моро ташкил медиҳад ва яке аз бахшҳои муқаддасоти миллии мо маҳсуб меёбад. Мавриди зикр аст, ки кулли арзишҳои моддӣ ва маънавии мо дар асоси ин матн бояд ташаккул ёфта, манфиатҳои он ба таври қатъӣ аз тарафи шаҳрвандон, ҳизбҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ақаллиятҳои нажодиву динӣ ба ҳисоб гирифта шаванд. Вале имрӯз дар ҷомеаи мо ҳизбу ҳаракатҳое вуҷуд доранд, ки ин воқеиятро сарфи назар карда, мехоҳанд ба осонӣ, тавассути чарбзабонӣ, бо зикри камбудию мушкилоти ҳаёти аҳли ҷомеа ва интиқоди фаъолияти мақомоти давлатӣ таваҷҷуҳи мардумро ба худ ҷалб созанд.

Хушбахтона, мардуми тоҷик хуб медонанд, ки дини мубини ислом муқобили инсонҳои худпарасту фосиқ буда, душманӣ, ҳасад ва кибру ғурурро маҳкум менамояд. Нафароне, ки воқеан ин арконро дар амал татбиқ менамоянд, дар ҷомеа иззату обрӯ пайдо мекунанд. Боиси таассуф аст, ки бархе ба ном тақводорон зери ниқоби ислом баромад карда, баҳри амалӣ кардани ниятҳои нопоки худ, мафкураи ҷомеаро заҳролуд намуда, ғояҳои дини мубини исломро аз нигоҳи ғаразноки худ шарҳ медиҳанд ва мардум, бахусус ҷавононро, ба роҳи ифротгароиву хурофотпарастӣ ҳидоят мекунанд.

Аксари ҷавонон, бино бар ноогоҳӣ, дур будан аз арзишҳои дунявию донишҳои ҷаҳоншиносӣ ба доми гурӯҳҳои террористӣ гирифтор мешаванд. Табиатан чунин афрод дорои ҳассосияти баланди динӣ – мазҳабианд, ки мубаллиғони гурӯҳҳои ифротгаро маҳз ба ҳамин ҷиҳати масъала таваҷҷуҳ намуда, онҳоро ба осонӣ пойбанди худ месозанд.

Тавре дар конфронси сатҳи баланд таҳти унвони «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятҳои муташаккил», ки 16 - 17 майи соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе доир гардад, таъкид шуд, бо вуҷуди шикасти бархе гурӯҳҳои террористӣ ҳанӯз ҳам таҳдидҳо аз байн нарафта, терроризму экстремизм метавонад ҳар лаҳза ба ҷони инсонҳову суботи ҷомеа хатар эҷод намояд.

Имрӯз амалҳои террористиву экстремистӣ ва роҳҳои маблағгузории он аз ҳисоби даромади гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷинояткории муташаккил, харидуфурӯши одамон, силоҳ ва фасод таҳдиду хатарҳои ҷиддӣ ба сулҳу амнияти байналмилалӣ ва минтақавӣ ба шумор меравand. Амалҳои террористиву экстремистӣ ба оромӣ, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва озодии инсонҳо таъсир расонда, намегузорад, ки онҳо дар рӯҳияи сулҳу субот таҳкиму тақвият ёбанд.

Тоҷикистон дар доираи созмонҳои минтақавӣ низ дар самти пешгирӣ ва мубориза бо терроризму экстремизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир як қатор тадбирҳои муҳим ва ҳадафнокро амалӣ намудааст. Махсусан, дар масъалаи мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дарояндаи наздик бо ташаббуси ҷониби Тоҷикистон дар доираи Созмони ҳамкории Шанхай сохтори махсус – Маркази зидди маводи мухаддир дар Душанбе ташкил хоҳад шуд, ки он ҳанӯз соли 2006 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ироа гашта буд.

Яъне, Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарӣ ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҷрибаи арзишманди мубориза бо экстремизм ва терроризмро касб намудааст, ки муаррифии амиқ ва дурусти он дар чунин ҳамоишҳои байналмилалӣ барои самаранокии мубориза бо ин зуҳуроти аср дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ хеле муфид хоҳад буд. Ҳамзамон, тақвият ёфтани ҷанбаъҳои сиёсию дипломатӣ ва таҳлилию коршиносии ҳамоиши байналмилалии мазкур метавонад дар самти мубориза бо терроризму экстремизм ва рафъи ин хатару таҳдидҳо барои кишвари мо, минтақа ва ҷаҳон кумак намояд.

Аз ин рӯ, сокинони кишварро зарур аст, ки бо истифода аз имконияту шароити фароҳами имрӯза саҳми арзандаи хешро дар ободию шукуфоии Ватани худ гузоранд. Аз ҳама муҳим, зиракиву ҳушёрии сиёсиашонро аз даст надиҳанд ва пеш аз оғози ҳар кор андеша намоянд, зеро таҷрибаи бойи ниёгони мо нишон додааст, ки танҳо инсонҳои таҳаммулпазир ба ҳадафҳои неки худ мерасанд.

**М. ҶУМЪА**

ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»
БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД
Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
65 СОМОНӢ
нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»
Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!
СУРОҒАИ МО:
ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41
СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:
р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408



**СОҲИБКОРОНИ МУҲТАРАМ!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» аз 31.08.2012, №451 шахси воқеие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошад, ӯҳдадор аст фаъолияти худро ҳамчун соҳибкори инфиродӣ дар асоси патент ва ё шаҳодатнома ба қайди давлатӣ гирад.

Бақайдгирӣ дар нозироти андоз имконият медиҳад, ки давраи фаъолияти шумо ҳамчун собиқаи корӣ ба ҳисоб гирифта шуда, тибқи тартиби муқарраргардида ҳифзи иҷтимоиатон таъмин шавад.

Хотиррасон менамоем, ки дар асоси талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ бе бақайдгирӣ дар мақомоти андоз аз 30 то 40 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне аз 1650 сомонӣ то 2200 сомонӣ ҷарима пешбинӣ гардидааст.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**БА ДИҚҚАТИ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳрвандон ва соҳибмулконе, ки дороиобъектҳои молу мулки ғайриманқул, ба монанди хонаҳои истиқоматӣ, ҳавлӣ, гаражҳо, биноҳо, иморатҳо, бӯстонсароҳо, дигар биною иморатҳо ва қитъаҳои замин мебошанд, хоҳиш менамояд, ки маблағҳои ҳисобшудаи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва замини наздиҳавлигии худро сари вақт ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

Хотиррасон менамоем, ки дар сурати пардохт накардани маблағи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин рӯйхати шаҳрвандон ва соҳибмулкони аз андоз қарздор дар матбуоти даврӣ ба чоп мерасад ва ҳамчунин тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ нисбати маблағҳои пардохтнашуда фоизҳо ҳисоб мегарданд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# Маъмурикунонии андоз тибқи низоми содакардашуда

**Дар Нозироти андоз дар ноҳияи Айнӣ бо иштироки муовини сардор-сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони нозироти андоз Шоҳин Яҳёев ва андозсупорандагоне, ки дар низоми содакардашудаи андозбандӣ фаъолият менамоянд, доир ба мавзӯи "Маъмурикунонии андози тибқи низоми содакардашуда" семинар-машварат баргузор гардид.**

Нахуст, Шоҳин Яҳёев қайд намуд, ки дар Нозироти андоз дар ноҳияи Айнӣ ба ғайр аз соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатномаи амалкунанда, 128 андозсупорандае фаъолият мекунанд, ки тибқи низоми содакардашуда ба қайд гирифта шудаанд. Аз ин 56 адад фаъолият мекунанд ва 42 адад ҳисоботи хешро ба таври сифрӣ пешниҳод менамоянд.

Сармутахассиси шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони нозироти андози ноҳия А. Муҳиддинов доир ба назорати иҷрои талаботи моддаҳои Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии андози низоми содакардашуда, таъмини пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд, тарзи дурусти ҳисобу пардохти андозӣ, шарҳу тавзеҳот дода, ҳамзамон, фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.08.2019 таҳти №389 "Доир ба маъмурикунонии андози тибқи низоми содакардашуда"-ро ба диққати андозсупорандагон расонид.

Гуфта шуд, ки дар асоси фармоиши мазкур аз 1 октябри соли 2019 сар карда, дар доираи модулҳои алоҳидаи барномаи компютерии СМИИА (Тафсири 1) анбори электронии нигоҳдории молҳои андозсупорандагон ташкил шуда, минбаъд таҳвили молҳо аз ҷониби андозсупорандагон тавассути барномаи компютерӣ пайгирӣ карда мешавад. Анбори электронӣ дар барномаи компютерӣ ба субъектҳои соҳибкории хурди дар низоми соддакардашуда ва соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда (ба истиснои хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда) роҳандозӣ гардида, ҳамаи соҳаҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидори мазкурро дар бар мегирад. Аз ин хотир, мониторинги доимии анбори электронии андозсупорандагон дар барномаи компютерӣ пеш бурда, равандҳи аз ҷониби андозсупорандагон дуруст дохил ва таҳвил намудани молҳоро тавассути анбори электронӣ бо истифода аз барномаи компютерӣ таҳти назорати доимӣ қарор дода, ҷиҳати ислоҳ ва пешгирии камбудиҳо бо андозсупорандагон пайваста чораҷӯӣ карда мешавад.

Дар рафти семинар-машварат иштирокчиён доир ба тартиби дурусти истифодаи барномаҳои компютерӣ, тартиби ҳисобу пардохт ва пешниҳоди эъломияи андоз ба масъулон саволҳо дода, посухҳои мушаххас гирифтанд. Ҳамчунин, онҳо пешниҳод карданд, ки чунин семинар-машваратҳо мунтазам бо андозсупорандагон гузаронида шавад, зеро ин воҳӯриҳо оид ба баланд шудани дониши иқтисодӣ ва маърифати андозсупорӣ манфиатовар аст.

Дар охир таъкид гардид, ки андозсупорандагон метавонанд ҳамеша барои ҳалли масъалаҳои пешомада ба мақомоти андоз ташриф оваранд ва ё тавассути почтаи электронӣ (info@andoz.tj) ва телефони «боварӣ»-и Кумитаи андоз ба гурӯҳи иттилоотӣ бо рақами содакардашудаи «151» ва ба рақамҳои телефонии Нозироти андоз дар ноҳияи Айнӣ (83479) 22149, 22255, 22249 муроҷиат кунанд. Инчунин, барои маълумоти муфассал метавонанд аз сомона ва рӯзномаи «Боҷу хироҷ» истифода намоянд.

**М. ҶУМЪА**

# Шарҳи қонунгузории андоз

**Дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо иштироки кормандони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва устодону донишҷӯён семинар-машварат баргузор гардид.**

Семинар машваратро мудири кафедраи андоз ва андозбандии донишгоҳ Тоҳир Исломов ифтитоҳ намуд.

Сипас, сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумахон Нурзода суханронӣ кард. Ӯ қайд кард, ки имрӯз мақомоти андози мамлакат робитаи худро бо тамоми донишкадаву донишгоҳҳо, аз ҷумла Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон хеле хуб ба роҳ мондааст. Номбурда афзуд, ки мақсад аз гузаронидани семинар-машварати мазкур, пеш аз ҳама, фаҳмонидани муқаррароти қонунгузории андоз ва имтиёзу сабукиҳои пешниҳодшуда ба субъектҳои соҳибкорӣ мебошад.

Баъдан, сардори шуъбаи рушди маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собир Вазиров оид ба низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди маъмурикунонии андоз ва бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ маълумоти муфассал дод. Ӯ аз ҷумла қайд кард, ки мақсади рушди маъмурикунонии андоз, пеш аз ҳама, кам кардани хароҷоти маъмурӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти андоз, кам кардани алоқа байни андозсупоранда ва кормандони мақомоти андоз, ҳамчунин, хизматрасонии сифатнок ба андозсупорандагон мебошад. Бо ин мақсад сомона ва почтаи электронии Кумитаи андоз, инчунин, Бахши иттилоотии Кумитаи андоз (Контакт-сентр) бо рақамҳои содакардашудаи телефонии "151", "152" ва телефони боварии Раиси Кумитаи андоз - 233-09-05 ба роҳ монда шудааст, ки шаҳрвандон ва андозсупорандагон метавонанд ба Кумитаи андоз муроҷиат намоянд.

С. Вазиров ба иштирокчиён оид ба тартиби андозбандӣ дар низоми умумии андозбандӣ маълумот дода, қайд кард, ки андозсупорандагони дар низоми умумӣ фаъолияткунанда андоз аз фоида, андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва дигар намудҳои андозро мутобиқ ба соҳаҳои гуногуни намуди фаъолияташон ҳисоб ва пардохт мекунанд.

Дар охир кормандони мақомоти андоз ба саволҳои устодон ва донишҷӯёни донишгоҳ ҷавобҳои мушаххас гардониданд.

**Неъматулло ЗОИРЗОДА**

**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

■ Намояндагии ҶДММ «Сименс» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (РЯМ 0220002191) воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Сухреш» (РЯМ 0110008544) воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Абдуллоҳ» (РЯМ 0310018500) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Яғноб-2013» (РЯМ 5410003684) воқеъ дар ноҳияи Зафаробод, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Лоиҳмебел» (РЯМ 6810003191) воқеъ дар ноҳияи Ашт, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ Кооперативи тиҷоратии «Холмуминбобо» (РЯМ 3210002538) воқеъ дар ноҳияи Қабодиён, барҳам мехӯрад.

■ ҶСП «Назорати техникии автомобили Хатлон» (РЯМ 2810004881) воқеъ дар шаҳри Бохтар, барҳам мехӯрад.

■ ҶСП «Маркази муоинаи тиббии ронандагон-Хатлон» (РЯМ 2810005440) воқеъ дар шаҳри Бохтар, барҳам мехӯрад.

■ ҶСП «Пойгоҳи автоматикунонидаи Хатлон» (РЯМ 2810004872) воқеъ дар шаҳри Бохтар, барҳам мехӯрад.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мирзошарифова Мунавар (РЯМ 0530188230) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ мутааллиқ ба ҶДММ «Абдуллоҳ 2017» (РЯМ 0310018500) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Сафарова Садафмо (РЯМ 0430065350) аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Худойназарзод Анвари Муҳаммади (РЯМ 0330116930) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Олимов Ҷамшед (РЯМ 1830084759) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Эшбаев Алишер (РМА 515377658) аз шаҳри Хуҷанд, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Сулаймонов Ҷаҳонгир (РЯМ 0130179115) аз ноҳияи Шоҳмансур, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Абдуллоев Диловар (РЯМ 2130039689) аз ноҳияи Ҳамадонӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Юсуфов Абдуҷаббор (РЯМ 2130051523) аз ноҳияи Ҳамадонӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Муҳр ва гушамуҳр мутааллиқ ба Х/Д «Ҳикмат» (РЯМ 1630002798) аз ноҳияи Шаҳринав, бинобар гум шуданаш,бэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шарипова Тобусби (РЯМ 1930072889) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Рӯзибоев Хислат (РЯМ 5430072780) аз ноҳияи Зафаробод, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Олимова Башоратҷон» (РЯМ 5730161159) аз шаҳри Конибодом, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Садиров Рустам (РЯМ 3230039102) аз ноҳияи Қубодиён, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Маҳмадалиев Зафарҷон (РЯМ 3430043559) аз ноҳияи Кушониён, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Гадоев Ҳомидҷон (РЯМ 2830014743) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мадатов Азим (РЯМ 3830024688) аз ноҳияи Шаҳритуз, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Эргашева Сабоҳатхон (РЯМ 3430010944) аз ноҳияи Кушониён, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Эргашев Шарифҷон (РЯМ 3430009862) аз ноҳияи Кушониён, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## § 3. РИВОҶ ЁФТАНИ ИСЛОҲОТИ АНДОЗ ВА РУШДИ НИЗОМИ МИЛЛИИ АНДОЗ (СОЛҲОИ 1999 -- 2006)

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Дар кишварҳои суструшдкунанда ҳаҷми баланди андозҳо на танҳо боиси ситонидани даромадҳои зиёдатӣ, балки дар аксар ҳолатҳо боиси ситонидани даромадҳои маъмулӣ мегарданд ва дар ин ҳолат субъектҳои барои иқтисодиёт коркунанда аз имконияти пасандоз кардан ва ҷамъовари маблағи мабдаӣ маҳрум мешаванд; бе инҳо шароитро барои рушди муносибатҳои иқтисоди бозорӣ муҳайё кардан ғайриимкон аст. Инчунин, дар назар бояд дошт, ки дар кишварҳои иқтисодиёташон дар ҳолати гузариш қарордошта маблағҳои ба буҷет гузаронидашуда ва барои пӯшонидани хароҷоти давлат ва корхонаҳои такофулӣ (нонхор, чашм ба маблағҳои буҷет дошта) таъиншуда, сатҳи пасти соҳибкории давлатӣ самараи назарраси мултипликатсионӣ намедиҳанд ва кам кардани (коҳиш додани) истеъмолро тавассути андоз ҷуброн карда наметавонанд.

Бояд ба назар гирифт, ки низоми андоз бояд сохтори барқароргардидаи низоми умумии иқтисодиро инъикос намояд. Агар мо хоҳишманди дар кишвари худ ҷорӣ намудани низоми андози кишварҳои пешрафта бошем, пеш аз ҳама, тағйироти асосӣ дар муносибати моликият, таносуби секторҳои хусусӣ ва давлатии иқтисодиёт ва ғайра зарурaнд, яъне сохтори иқтисодиро тағйир надода, тағйир додани низоми андоз мумкин нест, чунки онҳо бояд доимо, ҳатто дар вақти дар ҷойи аввал қарор доштани (баландтар будани) низоми иқтисодӣ бар андоз ба ҳамдигар мутобиқ (муодил) бошанд.

Ҳамин тариқ, дар мамлакатҳои дараҷаи пешрафташон суст, ки иқтисодиёташон дар ҳолати гузариш қарор дорад, меъёри (ҳаҷми) андоз ва инчунин бори андоз бояд сабуку мӯътадил бошанд, барои рушди соҳибкории хусусӣ ва баланд шудани некӯаҳволии мардум мусоидат намоянд. Дар ин вазъият бояд дар назар дошта бошем, ки ҳадди ниҳоии (баланди) андозбандӣ тавассути нархи имконпазири фурӯши мол ва хизматрасонӣ муайян карда мешавад, дар навбати худ инҳо аз қобилияти харидории аҳолӣ (қобилият доштани аҳолӣ ба пардохтҳо) вобастаанд. Ҳангоми паст будани қобилияти харидории аҳолӣ, истифода аз меъёрҳои баланди андозҳо омили халалдор кардани рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ мегардад.

Дар ҳақиқат, дараҷаи бори андоз дар кишвари мо ба имкониятҳои андозсупорандагон мувофиқат намекунад ва дар натиҷа ақиб афтодани андозсупорӣ, паст шудани суръати афзоиши иқтисодиёт рӯй медиҳад. Дар ин вазъ паст кардани бори андоз дар ҷумҳурӣ яке аз масъалаҳои муҳими рӯз мебошад.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ**
**«Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

## Гаронбаҳотарин кӯчаи дунё



Нюю - Бонд, ки кӯчаи маркази Лондон маҳсуб меёбад, дар сархати тадқиқоти «Кӯчаҳои асосии ҷаҳон», ки Ширкати байналмилалии консалтингии «Cusman & Wakefield» анҷом додааст, мавқеъ гирифт.

Дар раддабандии ширкат нархи миёнаи иҷора дар 448 қимматтарин кӯчаи 68 кишвари дунё муқоиса шудааст. Маблағи миёнаи солона дар Нюю-Бонд 16,2 ҳазор евроро ташкил дод, ки нишондиҳандаи баландтарин маҳсуб меёбад. Дар ин кӯча мағозаҳои брендҳои машҳури ҷаҳон аз қабили «Chanel», «Mulberru Louis» ва «Vuitton» ҷой гирифтаанд.

## ОЁ МЕДОНЕД?



**Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон** бо баландии 165 метр, дар ҷаҳон яке аз баландтарин парчамҳо эътироф шудааст. Дарозии парчам 60 метр ва бараш 30 метрро ташкил медиҳад. Аз лиҳози баландии сутун ва бузургии парчам он ба Китоби рекордҳои Гиннес шомил шудааст.

**Парчамҳои** Парагвай ва Молдавия вижагии хосе доранд: пушти онҳо ба рӯяшон монанд нест.

**Парчамҳои** росткунҷа барои дар киштӣ овехтан мувофиқ буданд. Тадриҷан чунин шакли парчамҳо аввал дар Аврупо, пас дар ҷаҳон стандартӣ шуданд, ба ғайр аз парчами Непал, ки ҳоло ҳам шакли росткунҷа надорад.

**Фақат дар** парчами Филиппин раҳҳо ҷой иваз мекунанд: дар замони осоишта рахи кабуд аз боло ва рахи сурх аз поён аст, дар ҳолати ҳарбӣ - баръакс.

**Парчами** Ливия (Libya - ҷумҳурии арабӣ) ба ғайр аз ранги сабз тасвире надорад.

**Бузургтарин** парчами олимпиро (75x105 метр) соли 1992 дар Барселона варзишгарон дар варзишгоҳ болои сар афрохтанд: он 800 килограмм вазн дошт.

## Суханони ҳакимона

Хондану маърифат омӯхтан аз муҳимтарин ғизоҳои рӯҳ буда, маҳрумӣ аз он маҳрумиест, ки наметавон ҷуброн кард.

x x x

Ҳусни инсон дар либос нест, балки дар илму тарбия аст.

x x x

Кам сухан кардану бештар гӯш додан аз нишонаҳои фазилат ва пӯхтагии инсон аст.

x x x

Қалби касеро машиканед, зеро қалби шикаста на табиб дораду на усто.

x x x

Омадани ҳеҷ касе дар зиндагӣ беҳикмат нест, ё мешавад фарди зиндагӣ ё мешавад дарси зиндагӣ.

## Чӣ тавр дигаронро ба худ моил созем?



**Қоидаи 1:** Ба дигарон сидқан таваҷҷуҳ кунед.
**Қоидаи 2:** Табассум намоед!
**Қоидаи 3:** Фаромӯш накунед: барои одамизод шунидани номаш ширинтарин ва муҳимтарин овоз дар нутқи инсонӣ ба ҳисоб меравад. Дар талаффузи ном бодиққат бошед.
**Қоидаи 4:** Зиёдтар гӯш кунед, шунавандаи хуб бошед. Имкон диҳед, ки ҳамсуҳбататон дар бораи худаш бештар гап занад.
**Қоидаи 5:** Дар мавзӯъҳое суҳбат намоед, ки ба ҳамсуҳбататон ҷолиб бошад.
**Қоидаи 6:** Тавре рафтор ва муносибат намоед, ки ҳамсуҳбататон муҳим будани худро ҳис намояд. Ин корро сидқан анҷом диҳед.

**Дейл КАРНЕГИ**

## Панди рӯзгор

Ду бемор дар як ҳуҷра бистарӣ буданд. Яке, ки ба по истода метавонист, ҳар рӯз як соат пеши тирезаи ҳуҷра нишаста, бо дилсӯзӣ аз манзараҳои берун ҳарф мезад ва таскини дили ҳамхонааш мешуд.

Масалан, мегуфт: «Тиреза рӯ ба рӯи боғе қарор дорад, ки дарёчаи зебое аз он мегузарад. Мурғобиҳо дар он шино мекунанд. Кӯдакон бо заврақҳои худ дар он саргарми бозӣ ва дарахтони қадимӣ ба манзараи атроф ҳусни зебое мебахшанд».

Бемори барҷомонда, ки неруи аз ҷой хестан надошт, аз нақли ҳамсуҳбаташ шод шавад ҳам, аммо дилашро оташи ҳасад месӯхт: «Чаро ӯ мебинаду ман не?» Бо ҳар восита бародари ҳамдардашро аз пеши тиреза дур андохта, ҷояшро гирифтан мехост. Ниҳоят вақте бемори нахҷолро ба ҳуҷраи дигар бурданд, дувумӣ пеши тиреза интиқол ёфт ва ба ҳадаф расид. Вале чун чашм ба берун андохт, аз дидани девори барқад сахт такон хӯрд. Дар он сӯи тиреза аз он манзараҳои афсонавӣ асаре набуд, онро бародари бемораш ба он хотир нақл мекард, ки ба рӯҳи ҳамхонааш таъсири мусбате расонда, ба тансиҳатӣ мусоидат намояд.

## Сохтани «пули нодир»



8 октябри соли ҷорӣ дар музофоти Хубэйи Ҷумҳурии Мардумии Чин болои рӯди Янтсзи пули аз лиҳози муҳандисӣ нодир ба фаъолият шурӯъ намуд, ки 16 миллиард доллар арзиш дошта, сохтмонаш қариб панҷ сол идома ёфтааст. Пул дуқабата буда, ҳар қабати он дорои 6 хати роҳрав аст. Ҳамчунин, барои дучархасаворон ва пиёдагардҳо низ минтақаҳои махсус ҷудо карда шудаанд. Дарозии умумии пул зиёда аз 16 километрро ташкил дода, суръати наклиёт бояд аз 60 км/соат то 80 км/соатро дар бар гирад. Шояд боварнокарданист, вале дар маросими ифтитоҳ витсе - президенти ширкати «Wuhan Consstruction Investment» Лин Чи изҳор дошт, ки рӯзҳои наздик дар пули нодир хати метро низ гузаронида мешавад.

Боҷу хироҷ

МУАССИС:
КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир
Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:
ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; МЕЛИКЗОДА К.Н. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НУРЗОДА Ҷ. - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ВОҲИДОВ А. - котиби масъули рӯзномаи «Боҷу хироҷ»; НИГМАТОВ М. - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Боҷу хироҷ».

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон),
44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

**Навбатдор:** Мақсуди НЕЪМАТ

**Тарроҳ:** Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

**Индекс: 68930**

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 78 856**